آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

12 марти соли 2022
Шанбе
№ 20 (14825)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## КООПЕРАТСИЯИ САНОАТӢ ВА МАҲАЛЛИКУНОНӢ — САМТИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 11 март оид ба масъалаҳои минбаъд васеъ гардондани кооператсияи саноатӣ ва маҳаллигардонӣ ҷамъомади видеоселекторӣ ба амал омад.**

Бо қарори Президент аз 24 январи соли ҷорӣ Барномаи тавсеаи истеҳсоли маҳсулот ва кооператсияи саноатӣ барои соли 2022 қабул шуда буд. Дар доираи он ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави қариб 37 триллион сӯмина маҳсулот дар доираи 2455 лоиҳа ба нақша гирифта шудааст.

Дар аввали ҷамъомад рафти иҷрои барномаҳо аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил карда шуд. Дар фаъолияти Агентии оид ба рушди соҳаи дорусозӣ, ҶС «Ӯзбекистон темир йўллари», ҶС «Иссиқлик электр стансиялари» камбудиҳои ҷиддӣ қайд гардиданд.

Шартномаҳое, ки ба воситаи портали «Кооператсияи электронӣ» ба имзо расидаанд, дар баъзе минтақаҳо иҷро нашуданд. Ҳиссаи корхонаҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Намангон, Сурхондарё ва Хоразм дар савдоҳои электронӣ аз як фоиз камро ташкил медиҳад. Аз сабаби мавҷуд набудани алоқаҳои кооператсионӣ воридоти баъзе намудҳои молҳо зиёд шуд, ки барои истеҳсоли онҳо дар дохили мамлакат шароит мавҷуд аст.

Дар шароити имрӯзаи тағйирёбанда усули самарабахши таъмини устувории иқтисодиёт ба кор даровардани имкониятҳои дохилӣ, истеҳсоли баъзе маҳсулоти воридотӣ дар мамлакати мо ва рушди минбаъдаи саноат мебошад. Ин бояд самти устувори иқтисодиёти миллии мо гардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар ҷамъомад дар ин бобат тадбирҳои муҳим муайян шуданд. Зарурати ба роҳ мондани ҳамкории корхонаҳои калон ва истеҳсолкунандагони маҳаллӣ аз рӯи намудҳои маҳсулот зикр гардид.

Масалан, баъд аз он ки Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ дар портали кооператсия дар бораи молҳои воридотӣ ва талаботи техникӣ маълумотро ҷойгир намуд, 600 миллиард сӯмина маҳсулот, ки пештар аз хориҷ ворид карда мешуд, дар 18 корхонаи маҳаллӣ истеҳсол карда шуд.

Президент дастур дод, ки ин таҷриба дар тамоми соҳаҳо ва минтақаҳо ҷорӣ карда, соҳибкорон ба азхудкунии истеҳсоли маҳсулоти воридотӣ ҷалб карда шаванд.

Ба ин мақсад тартиби гузарондани ярмаркаҳои саноатӣ тағйир дода мешавад. Ба ғайр аз ҷустуҷӯи харидорони маҳсулоти тайёр, иштирокчиён метавонанд нақшаҳои тиҷоратии ташкили молҳои барои маҳаллисозӣ тавсияшударо таҳия кунанд. Соҳибкороне, ки ба лоиҳаҳо таваҷҷуҳ доранд, метавонанд дар ҳошияи ярмарка шартномаҳои интиқол ба имзо расонанд ва бо бонкҳо оиди маблағгузорӣ мувофиқа кунанд.

Барои ин дар «Ӯзэкспомарказ» намоишгоҳи доимоамалкунандаи саноатӣ, дар марказҳои вилоятӣ ва минтақаҳои саноатӣ намоишгоҳҳои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ташкил карда хоҳанд шуд.

Дар баробари ин хароҷоти тадқиқоти маркетингӣ дар доираи лоиҳаҳои нав ва сертификатсия дар хориҷа қисман ҷуброн карда мешавад.

Дар ҷамъомад дигаргуниҳое, ки дар бозори ҷаҳонӣ ба амал меоянд, муфассал таҳлил карда шуданд.

Қарор қабул шуд, ки аз моҳи апрел ба корхонаҳое, ки ашёи хом ворид карда, онро дар қаламрави гумрук коркард менамоянд ва маҳсулоти ҳосилшударо ба хориҷ содир мекунанд, як қатор имтиёзу сабукиҳо дода шавад. Аз ҷумла, барои лоиҳаҳои онҳо асоснокkунии техникию иқтисодӣ, сертификатҳои маҳсулот, таъминоти боҷи гумрукӣ талаб карда нашуда, мӯҳлати расмигардонии иҷозатнома се баробар коҳиш дода шуда, аз таҷҳизоти воридотӣ боҷи гумрукӣ ситонда намешавад.

Барои ворид шудан ба бозорҳои нав бояд стандартҳои байналмилалиро дар соҳа васеъ ҷорӣ кард. Масалан, дар солҳои 2019-2021 ба туфайли гирифтани сертификатҳои байналмилалӣ 2 ҳазор корхонаҳои бофандагӣ содироти худро 1,5 баробар афзоиш доданд. Ба ғайр аз ин, эътилофи байналмилалии Cotton Campaign чанде қабл бойкоти пахтаи Ӯзбекистонро бекор кард. Он инчунин имкониятҳои калон ва бозорҳои навро мекушояд.

Дар назди Агентии «Ӯзстандарт» вазифаи зиёд гардондани миқдори корхонаҳо бо сертификатҳои байналмилалӣ ва дар дигар соҳаҳо, инчунин таъсис додани Маркази омӯзиши стандартҳои байналмилалӣ дар назди идораҳои лоиҳавӣ ва минтақаҳо гузошта шуд.

Саноати масолеҳи бинокорӣ низ метавонад аз ҳисоби захираҳои дохилӣ ривоҷ ёбад. Ба ин муносибат барои вусъат додани ҷустуҷӯи геологии ашёи хом 100 миллиард сӯм ҷудо карда шуд. Дар соли ҷорӣ татбиқи 420 лоиҳа ба маблағи 1,8 миллиард доллар пешбинӣ шудааст. Ба шахсони масъул супурда шуд, ки лоиҳаҳои мазкурро сари вақт ба кор андохта, содироти масолеҳи бинокориро афзун гардонанд.

Инчунин масъалаи пурра сафарбаргардонии иқтидорҳои мавҷуда ва ивазкунии воридот дар соҳаи дорусозӣ ба миён гузошта шуд.

Чи хеле ки маълум аст, агар корхонаҳои саноатӣ аз илму навоварӣ дур шаванд, мутобиқ шудан ба муҳити нави рақобат барои онҳо мушкил хоҳад буд. Аз ин рӯ, дар назди Вазорати рушди инноватсионӣ вазифа гузошта шуд, ки ба таҷдиди корхонаҳо дар минтақаҳо ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти онҳо мусоидат намоянд.

Дар ҷамъомад роҳбарони соҳаҳои саноат ва корхонаҳои бузург, ҳокимон нутқ эрод намуданд.

**ЎзА.**

Фикри депутат

## ЗАН — НЕРӮИ МУАЙЯНКУНАНДАИ МАҲАКИ ҶОМЕА

***Дар кишварамон модарон ҳамчун рамзи оила, сарчашмаи накукорӣ ва неруи тавоно ҳамеша тараннум карда шудаанд. Зеро, бо занон, ки такягоҳи оила ва ҷомеаанд, зиндагии мо зебову пурмазмун, хонадонамон ободу равшан аст.***

Муносибат ва ҳурмату эҳтиромро нисбат ба занон аз рӯйи муносибате, ки давлат ба онҳо мекунад, муайян кардан мумкин аст. Сабаб дар он аст, ки халқе, ки занро гиромӣ медорад, эҳтиром мекунад ва ба сараш мебардорад, ҳамчун миллате эҳтиром хоҳад шуд, ки фарҳанги баланд ва арзишҳои олиҷаноби худро дар амал нишон медиҳад.

Солҳои охир ба намояндагони ҷинси латиф эътибор торафт меафзояд. Давлати мо бонувони зебою муқаддасро гиромӣ дошта, барои онҳо шароити заруриро фароҳам меорад, ки то зиндагии хушбахтона ба сар бурда, фарзандони шоистаи Ватанро ба воя расонанд, дар тамоми соҳаҳо ба комёбиҳои баланд ноил гарданд.

Муҳимтар аз ҳама, дар кишвари мо имрӯз ҳеҷ зане аз таваҷҷуҳи давлату ҷомеа дар канор намондааст. Инро дар мисоли кумакҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ва психологӣ, ки дар соли 2021 ба қариб 900 ҳазор нафар занон дар асоси тамоюли олиҷаноби «Ҳеҷ кас аз меҳру таваҷҷуҳ дар канор намемонад», расонда шудааст, дидан мумкин аст. Ба ин мақсадҳо аз буҷа ҷудо карда шудани 2 триллион сӯм воқеаи бемислу монанд аст.

Боз як мисоли ҳаётӣ. Танҳо дар соли 2021 бо мақсади дастгирии соҳибкории бонувон дар натиҷаи ҷудо кардани беш аз 2 триллион сӯм вом ва субсидҳо зиёда аз 320 ҳазор нафар хоҳарони мо соҳиби кори доимӣ ва даромад гардиданд.

Нутқи Президент Шавкат Мирзиёевро дар маросими тантанавӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии занон – 8 Март бо диққат гӯш карда, боварӣ ҳосил кардам, ки дарояндаи наздик, дар Ӯзбекистони Нав эътибор ба занон бештар мешавад.

Роҳбари давлатамон дар нутқи худ «Мо дар назди худ мақсади бузург гузоштаем, ки дар Ватанамон бунёди заминаи Ренессанси Сеюмро барпо кунем. Дар ин мақсади нек ва роҳи пуршараф мо, пеш аз ҳама, ба арзишҳои муқаддаси оила ва маънавияти амиқи модарони худ, ки мураббиёни ҳақиқӣ мебошанд, такя мекунем» гуфта, ҳар як занону духтаронро рӯҳбаланд намуда, қалбашонро аз ифтихору шодӣ саршор кард.

Чунон ки дар нутқ қайд карда шуд, мо барои ҳарҷониба тараққӣ додани мамлакатамон ба давраи нави таърихӣ қадам гузоштем. Пас, дар қалби фарзандони мо ҳадафҳои бузург ва ғояҳои олиро ҷой кардан вазифаи пуршарафи тамоми модарони Ӯзбекистон аст. Зеро, тарбияи насли ҷавонони дорои сифатҳои баланд, далер ва ватандӯст бешубҳа ба занони мо вобаста аст.

Аз ин лиҳоз, занони мо масъулияти худро пурра дарк намуда, дар тамоми соҳаҳо пурсамар меҳнат карда, дар пешрафти кишвар ва некӯаҳволии мардум саҳми арзанда мегузоранд. Аз ҳама муҳимаш, онҳо дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии дар назди ҷамъият ва давлат истода, баробари мардон як хел фаъоланд.

Умуман, имрӯз Ӯзбекистон ҳамчун сарзамини занону духтарони хушбахт дар тамоми ҷаҳон машҳур аст. Ҳар як занро пеш аз ҳама чун модар эҳтиром мекунанд. Дар замони нави рушди имрӯза занони мо на иштирокчии ислоҳот, балки ҳамчун иҷрокунандаи онҳо хидмат мекунанд, ки бешубҳа барои расидан ба мақсадҳои пешбинишуда омили муҳим хоҳад шуд.

**Муқаддас ТИРКАШЕВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



## ДАР ХӮҶАОБОД БОЗ ЯК КОРХОНАИ КАЛОН БА КОР САР КАРД

*Дар маҳаллаи Саноатчиҳои ноҳияи Хӯҷаободи вилояти Андиҷон боз як корхона ба фаъолият сар кард, ки ба истеҳсоли маҳсулоти трикотажӣ махсусонида шудааст.*

*Дар корхонаи «Замон» дар доираи лоиҳаи арзиши умумиаш 30 миллион доллар, ки аз ҷониби ҶММ «Oliy Standart Tex» барпо карда шудааст, маҳсулоти трикотажии тайёр барои занон, мардҳо ва бачаҳо кор карда бароварда мешавад.*

*Дар чорабинӣ, ки бахшида ба кушоиши ин корхона ташкил гашт, таъкид ёфт, ки дар мамлакатамон, хусусан, дар вилояти Андиҷон корҳои васеъмиқёс бобати дастгирии корхонаҳои маҳаллӣ, ҷорӣ сохтани технологияҳои нав ба истеҳсолот, ба кор андохтани лоиҳаҳои самаранок ба амал бароварда мешаванд.*

*Бо оғози фаъолияти корхона 1 ҳазору 200 ҷойи нави корӣ ташкил гашт. Ба Қирғизистон, Қазоқистон, Русия, Украина ва Белорус экспорт кардани маҳсулот ба нақша гирифта шудааст.*

***Дар сурат:** дар корхона.*

***Суратгир: З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

## БОЙКОТИ ПАХТАИ ӮЗБЕКИСТОН БЕКОР ШУД

***Эътилофи байналмилалии «Cotton Campaign» бекор шудани бойкоти даҳсолаашро нисбати пахтаи Ӯзбекистон эълон намуд. Акнун ҷалби ҳарҷи бештари брендҳои ҷаҳонӣ ба Ӯзбекистон беш аз пеш меафзояд.***

Маросими эълони бекор шудани бойкоти эътилофи байналмилалии «Cotton Campaign» дар Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатии Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар он раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Норбоева ва як гурӯҳ намояндагони эътилофи байналмилалии «Cotton Campaign» иштирок карданд.

Гуфта мешавад, намояндагони «Cotton Campaign» бо пахши изҳороти худ мавҷуд набудани меҳнати маҷбурии мунтазам дар мавсими пахтачинӣ дар Ӯзбекистонро бо боварӣ эътироф намуданд.

Танзила Норбоева эълони бекор шудани бойкоти эътилофи байналмилалии «Cotton Campaign»-ро дастоварди таърихӣ ва натиҷаи заҳмати чандинсола унвон кард.

– Ҳоло ба чунин натиҷа расидем, ки эътилофи байналмилалии «Cotton Campaign» ба бекор шудани ин бойкот даст задаву эътироф намуд, ки дар Ӯзбекистон ба меҳнати маҷбурӣ куллан хотима дода шудааст. Инро Созмони ҷаҳонии меҳнат низ эътироф намудааст, – иброз дошт раиси Сенати Олий Маҷлис дар ин маросим.

Ёдовар мешавем, ки ҳайати Ӯзбекистон бо роҳбарии Танзила Норбоева ҳанӯз соли 2019 дар нишасти солонаи эътилофи байналмилалии «Cotton Campaign» дар Вашингтон ширкат намуда, бекор кардани бойкоти брендҳои бузургро нисбати маҳсулоти бофандагии Ӯзбекистон дар миён гузошта буд.

Ҳоло шароит фароҳам омадааст, ки бештар аз 300 бренди хориҷӣ, мисли Nike, Zara, GAP, Levi`s, H&M, UNIQLO ва амсоли он бо истифода аз бекор шудани бойкоти эътилофи байналмилалии «Cotton Campaign» дубора ба Ӯзбекистон оянд ва дар ивази сармояҳои худ пахтаи моро ҳамчун ашёи хом харидорӣ кунанд.

## ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА БО ШИРКАТҲОИ КУРИЁЙ ҲАМКОРӢ МЕКУНАД

***Ҳайати густардаи вилояти Фарғона таҳти раёсати ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров ба Куриёи Ҷанубӣ сафар намуд. Дар ин бора дафтари матбуоти дастгоҳи ҳокимияти вилоят хабар дод. Ин сафар аз боздиди ширкати “Posco International”-и шаҳри Инчхон шурӯъ шудааст.***

Гуфта мешавад, ки “Posco International” аз ширкати калонтарини Куриёи Ҷанубӣ шумурда мешавад ва он дар сатҳи байналмилалӣ дар соҳаҳои фулузот, нафту газ, мошинсозӣ, нассоҷӣ ва амсоли он дастовардҳои калонро ноил гардидааст. Он солона дар ҳудуди 6 миллиард доллар фоидаи соф ба даст меовардааст ва беш аз 63 ҳазор нафар коргарро муттаҳид намудааст.

Дар ҷараёни музокираҳо масъалаҳои тибқи талаботи замон модернизатсия намудани корхонаи “Posco Textile”, ки аз соли 1996 дар вилояти Фарғона фаъолият мекунад, ташкили кластери пахтакорӣ дар ноҳияи Ёзёвон ва аз ҳосили пахта маҳсулоти тайёр истеҳсол кардан, ба роҳ мондани истеҳсоли сачоқҳои ба талаби Куриёи Ҷанубӣ мувофиқ, инчунин истеҳсоли матоъҳои гуногун аз нахи сунъӣ ва амсоли он баррасӣ гардиданд.

Дар баробари ин, дар ин гуфтушунид роҷеъ ба он табодули назар сурат гирифт, ки дар заминҳои аз ғалла холишуда кишти маҳсулоти барои содирот мувофиқ ва азнавкоркарди он ба роҳ монда шавад. Масъалаҳои ба Куриёи Ҷанубӣ содир намудани мева ва маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли вилояти Фарғона, ширкати ин кишвар дар бунёди лоиҳаи Экошаҳари Фарғона аз роҳи ворид намудани сармояҳо низ мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Ин манбаъ мегӯяд, ки ҷониби Куриёи Ҷанубӣ барои ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби лоиҳаҳои пешбинишуда изҳори омодагӣ кард. Бар асоси ин созишномаҳо миёни вилояти Фарғона ва ширкати “Posco International” ба маблағи 65 миллион доллар ёддошти ҳамкорӣ ба имзо расид. Ҳайати вилояти Фарғона ба яке аз калонтарин шаҳрҳои Куриёи Ҷанубӣ – Йонгин ташриф оварда, бо мақомоти расмӣ таҳти роҳбарии шаҳрдори он Пек Кун Ки мулоқот намуд.

Шаҳри дигар – Ёнгин соли 2008 бо вилояти Фарғона созишномаи бародаршаҳрӣ ба имзо расонидааст. Он яке аз шаҳрҳои босуръат рушдёбандаи Куриёи Ҷанубӣ дар доираи консепсияи «шаҳри оқил» муаррифӣ шудааст. Шаҳри машҳури истеҳсоли нимноқил дар ҷаҳон дар Ёнгин воқеъ гаштааст, инчунин бузургтарин боғи фароғатии “Everland” ва аквапарки “Caribbean Bay”, Боғи миллии Куриёи Ҷанубӣ дар ин ҷо маскан гузидаанд.

Дар мулоқот тасмим гирифта шуд, ки ду ҳудуд равобитро ба ҳамкориҳои амалӣ табдил медиҳанд ва барои татбиқи лоиҳаҳои муштараки мутақобилан судманд тавассути табодули ҳайатҳои байни Палатаҳои савдо ва саноат, ҷалби сармоягузорӣ ба истеҳсоли нимноқилҳо, электроника ва молҳои рӯзгор ба роҳ мемонанд.

Фарғона ва Йонгин дар масъалаҳои ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ, табодули таҷриба дар соҳаи сохтмон ва пешбурди инфрасохтори шаҳрӣ ва иншооти сайёҳӣ низ ҳамкориҳои густарда ба роҳ хоҳанд монд.

Гуфта шуд, ки дарояндаи наздик «Харитаи роҳ»-и ҳамкориҳои мутақобилан судманд таҳия ва ба таври онлайн имзо карда мешавад.

Намояндагони вилояти Фарғона аз “Everland”, яке аз калонтарин боғҳои тематикии ҷаҳон боздид карданд, ки ба гуфтаи мизбонон, онро соле қариб 7 миллион нафар одамон тамошо мекунанд, ки мувофиқи экосистемаи табиӣ бунёд шудааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

## КОРХОНАИ ПАРРАНДАПАРВАРӢ ДАР НОҲИЯИ ҚАРАВУЛБОЗОР

***Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Навбаҳор»-и ноҳияи Қаравулбозор корхонаи паррандапарварӣ – Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Vigour export» ба фаъолият оғоз кард.***

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин лоиҳа 7 миллиарду 450 миллион сӯм арзиш дошта, 2 миллиард сӯми онро худи субъекти соҳибкорӣ (роҳбараш Анвар Раҳмонов) мепардозад. Паррандапарварон бинобар лоиҳаи соҳибкории тақдимкардаашон соли гузашта соҳиби 5 гектар замин гашта, он ҷо мувофиқи технологияи Чин 7 павилони паррандапарварӣ сохтанд. Мувофиқи лоиҳа дар ҳар яки ин павилонҳо парвариш ёфтани 50 ҳазор сар мурғи навъи «Loman Sendi» ба нақша гирифта шудааст. Моҳи ноябр аввалин павилон бо 50 ҳазор сар мурғ ба кор даромад. Моҳи феврал 70 фоизи паррандаҳо ба тухмдиҳӣ сар карданд. Корхона баробари бозорҳои маҳаллӣ, дар вилоятҳои Қашқадарёю Хоразм низ харидор пайдо кард. Даромади якрӯзаи ҷамоа ҳоло ба 30 миллион сӯм мерасад. Дар ин ҷо 11 нафар бо кори доимӣ таъмин шуда, корхона боз ба 20 нафар корманди мавсимӣ эҳтиёҷ дорад. Паррандапарварон ният доранд, ки то охири сол боз ду павилони дигарро ба кор дароварда, аз ҳар яки онҳо даромад гиранд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Таҳлил, танқид, таклиф*

# МУНОСИБАТҲО БА МОДАР-ЗАМИН

***Бузургон заминро аз муқаддасот ҳисобида ва беҳуда онро ба модар монанд намекунанд. Яке аз шеърҳои ба модар бахшидаи шоире ин тавр сар мешавад: “Ту монанди замин яктоӣ, модар...”***

***Замин – неъмати Парвардигор. Одамон муваққатан дар рӯйи он зиндагӣ мекунанд. Ҳаёт мегузарад, замин дар ҷои худ бозмемонад. Вале мешавад инсон порчаи заминеро, ки гӯё “қонунӣ” соҳиби он аст, ба каси дигар фурӯшад. Аммо хариду фурӯши заминро аз қадим ниёгони мо чизи хуб намеҳисобиданд. Мегуфтанд заминфурӯшӣ хосият надорад. Айни замон панд медоданд хор кардани китоби муқаддас, хор кардани зан, хор кардани замин аз гуноҳҳои азим аст. Яъне бояд китобро мутолиа кард, аз зан меҳрро дареғ надошт, ташнаи ғамхорӣ ва навозиш будани заминро фаромӯш накард.***

Дар ҷумҳурии мо Кодекси замин амал менамояд. Он маҷмуи қоидаҳост дар бораи замин ва истифодаи он. Порчаҳои замин ба оилаҳо ё шахсони ҷудогонае, ки ба он воқеан ниёз доранд, дар асоси қоидаҳои амалкунанда дода мешаванд. Хариду фурӯшҳои замин низ таҳти назорати идораҳои масъул, дар вазъи риоя ба талаботи қонунгузорӣ амалӣ мегардад.

Айни замон асосҳои хусусигардонии қитъаҳои замин дар фармоне, ки роҳбари давлат дар ин самт имзо гузоштааст, ба амал бароварда мешавад.

Вале афсус, қонуншиканиҳо вобаста ба хариду фурӯши замин имрӯзҳо зиёд ба назар мерасанд. Ҷинояткорон ба даст афтода ва мувофиқи кирдор ба ҷазо кашида шаванд ҳам зумраи аз ин хулосаи дуруст набароварда ва амали носавоб дар хариду фурӯши заминро ҳамон идома медиҳанд. Гӯё онҳо мувофиқи қонун мекунанд ин корро ва таври худ ҳуҷҷатҳоро расмӣ мекунонанд. Аммо шартномаи хариду фурӯш, ки дар даст доранд, магар ба талаботи қонунгузории мо мувофиқ?

Як-ду сухан дар бораи шартномаи хариду фурӯш. Шартномаи хариду фурӯш яке аз институтҳои асосии ҳуқуқи шаҳрвандист. Дар шароити ҳозираи иқтисодиёти бозаргонӣ донистани моҳияти ин ҳуҷҷат барои ҳар як шаҳрванд ҳатмист. Бояд ҳар яки мо хусусиятҳои ин ҳуҷҷатро омӯзем. Дар ин бора дониш ва таҷрибаи ҳуқуқӣ дошта бошем. Вале афсӯс, ҳатто баъзе ходимони идораҳои ҳифзи ҳуқуқ, адвокатҳо, шахсони мутасаддие, ки ба расмисозии шартномаи хариду фурӯш машғуланд, дар ин самт ё ба бесаводӣ роҳ мегузоранд ё аз қоидаҳо (хусусан нуктаҳои фармони Президент аз соли 2021) огоҳ бошанд ҳам ба қонуншиканиҳо роҳ медиҳанд.

Моддаи 386-уми Кодекси шаҳрвандӣ айнан аз ҳамин хусус. Ду тараф (фурӯшгор ва харидор) ба он имзо мегузорад. Баъди пардохти маблағе, ки дар шартнома муайян карда шудааст, харидор соҳиби мулк хоҳад гашт.

Замин низ мулк, вале хариду фурӯши он қоидаҳои ба худ хос дорад. Замин бойигарии умумимиллии мост. Он бояд дар ҳолате ки зарур аст, танҳо дар асоси савдои музояда (аукцион), ки пештар эълон карда шудааст, хариду фурӯш карда шавад. Оиди оқилона истифода кардан аз замин ва қитъаҳои ҷудогонаи он, ҳифз, эҳтиром, зарурияти дар асоси талаботи қонунгузорӣ муносибат кардан ба захираҳои замин дар ҳуҷҷатҳо ишорот мавҷуд. Бо вуҷуди ҳамин, тавре дар боло гуфта гузаштем, аз хариду фурӯши ғайриқонунии замин дар маҳалҳо кас ҳайрон мемонад. Ба худ савол медиҳед – наход “вой” будани оқибати ин корро “заминҷаллобҳо” нафаҳманд...

Чанде пеш шуъбаи дар ноҳияи Зангиота будаи Департаменти мубориза алайҳи ҷиноятҳои иқтисодии назди Сарпрокуратура бо мақсади ҳифзи шаҳрвандон дар санҷишҳои то ҷараёни суд дарак ёфт, ки шаҳрвандон Р.Қ. ва Б.Р. аз зудбоварии шаҳрванд И. истифода карда, ваъда додаанд бо бакорандозии шиносҳои ваколатноки худ дар ҳокимияти ноҳияи Қибрай баҳри хариди 7 гектар майдон дар асоси тендер кумак мекунанд ва ба ивази “хидмат” 23 ҳазору 500 доллари амрикоӣ талаб намудаанд. Тири фиребгарҳо хок хӯрд.

Дар натиҷаи рейдҳои таъҷилии шуъбаҳои дар ноҳияи Ангор будаи Хидмати амнияти давлатӣ ва департаменте, ки дар боло зикр гашт, аниқ шуд. Хариду фурӯши ғайриқонунӣ дар вилояти Сурхондарё низ ба назар мерасад. Роҳбари хоҷагии фермерии “П” Ҳ.Ҳ. ба чашми шаҳрванд А. “хок пошид” ва ҳар ду оиди хариду фурӯши 2 гектар замине, ки дар захираи ноҳияи Бандихон мебошад, гуфтушунид карданд. Асное фиребгар аз содалавҳ 100 миллион сӯми ваъдагиро қабул менамуд, кор якбора сурати дигар гирифт...

Ҷиноятҳо марбут ба савдои ғайриқонунии фурӯши замин дар вилоятҳои Сирдарё, Фарғона ва Хоразм, айни замон, фош шуданд. Шаҳрванд В.Х. 20, 5 гектар заминеро, ки ба хоҷагии фермерии “В.О.”-и ноҳияи Бешариқ мутааллиқ мебошад, хост ба Н. ном сокини ҳамин ноҳия фурӯшад. Қаллобон асное мехостанд ба ивази 18 ҳазор доллари ИМА ҳуҷҷатҳоро “расмӣ” гардонанд, шуъбаи дар шаҳри Қӯқанд будаи ХАД ва департамент ҳозир шуданд ва онҳоро болои ҷиноят дастгир карданд.

Таҳти рейди муштараки шуъбаҳои дар Урганҷ будаи ВХХ ва департамент кирдукори шаҳрванд Р.К., ки мехост 2,1 сотих заминро ба шаҳрванд М. ба ивази 6 ҳазор доллар бифурӯшад, фош гардид. Фиребгар аснои гирифтани 3 ҳазор доллари пешакӣ ба даст афтод.

Ин ҳама ҳодисаҳои номатлуби чанде пеш рӯйдода. Қонуншиканҳо ҷазои муносиб гирифтанд. Мутаассифона, дар рӯзҳои мо низ вобаста ба савдои ғайриқонунии замин ҷинояткориҳо идома меёбанд. Яке аз шахсони масъули ҳокимияти ноҳияи Давлатободи вилояти Намангон ба ивази расмӣ гардонидани 2 гектар замин барои барпои хонаву ҷой ва объекти истеҳсолӣ аз соҳибкор 200 ҳазор доллар талаб намуд. Аснои қабул кардани пора якбора хок хӯрдани тири худро фаҳмид ва ҳушёр гашт. Аммо дер шуда буд.

Узви ширкати боғдорию ангурпарварӣ аз ноҳияи Бектемири шаҳри Тошканд 4 сотих майдони ҳудуди ширкатро хост ба нафаре бо ивази 17 ҳазору 600 доллар обулой намояд. Ба нияти нопок нарасид. Ба ҳамин монанд воқеа дар ноҳияи Оққӯрғони вилояти Тошканд рӯй дод. Роҳбари хоҷагии фермерӣ 40 сотих майдони обёришавандаро бо кумаки шиносҳояш аз идораи кадастр ба ивази 30 ҳазор доллар ба номи шахсе расмӣ кунондан мехост, вале вақте 10 ҳазор доллари пешакӣ ваъдашударо мегирифт, кормандони мақомоти ҳуқуқ, масъулони Департаменти мубориза алайҳи ҷиноятҳои иқтисодии назди Сарпрокуратура “халал расонданд”.

Аз рӯйи ҳолатҳое, ки вақтҳои охир ба вуқӯъ пайвастанд, бо моддаи 168-ум (фиребгарӣ) ва 28-ум, 211-уми Кодекси ҷиноӣ (пора додан) парвандаҳои ҷиноӣ кушода шуда, тафтишот оғоз ёфт.

Як чиз моро ба андеша водор менамояд. Наход иштирокдорони рӯйдодҳои номатлуб, ки қайд карда гузаштем, мувофиқи қонунгузорие, ки дар Кодекси замини Ӯзбекистон қайд ёфтааст, дарак надошта бошанд, ки хариду фурӯши бевоситаи замин манъ карда шудааст? Барои хариду фурӯши замин дар асоси савдои музояда бошад, имкониятҳои зарурӣ фароҳаманд.

Бармеояд қисме аз заминҳое, ки дар ихтиёри хоҷагиҳои фермерист, аниқ чен ва ҳисобу китоб карда нашудааст. Замини зиёдатӣ, ки доранд, зумрае ба ин гуна амали паст даст мезананд. Иштирокдорони воқеаҳо, айни замон, ниҳоят содалавҳ низ ба назар метобанд. Наход фикр накунанд, ки замини ба ихтиёри каси дигар гузаштаро “аз куҷо пайдо шуд?” гуфта касе напурсад? Охир он аз осмон намеафтад...

Фикр мекунем, дараҷаи дониши ҳуқуқии қисме аз шаҳрвандонамон хеле паст. Ё молу дунёпарастии аз меъёр зиёд ақлашонро кам, чашмашонро кӯр кардааст. Мехостем баробари ба аҳолӣ фаҳмонидани қоидаву қонунҳо оиди хариду фурӯши амвол дар масъалаи заминфурӯшии ғайриқонунӣ, порагириву порадиҳӣ ва навъҳои ҷудогонаи коррупсия чораҳо боз ҳам қатъитар гарданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**



*Дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Нуқус полимер”-и шаҳри Нуқус қубурҳои полиэтилении ҳаҷмаш аз 16 то 630 диаметрӣ истеҳсол карда мешавад. Корхона бо ташаббуси роҳбари давлат соли 2017 барпо гардидааст. Аз моҳи апрели соли 2021 дар ин ҷо истеҳсоли лента барои обёрии чакравӣ низ ба роҳ монда шуд. Ба ин гуна маҳсулот талабот зиёд аст. Дар корхона, ки соле 8000 тонна қубур ва 1200 тонна лентаи чакравӣ истеҳсол менамояд, 50 нафар бо кор таъмин мебошанд.*

***Дар акс:*** *дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Нуқус полимер”-и шаҳри Нуқус.*

***Аксбардор: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# МУБОРИЗАИ БЕАМОН БО КОРРУПСИЯ – ТАҚОЗОИ ДАВР

***Бино ба натиҷаҳои тадқиқоте, ки дар сад кишвари дунё гузаронида шудааст, ҳар ҷо зан роҳбар бошад, он ҷо майлу рағбат нисбат ба коррупсия хеле кам ба қайд гирифта шудааст. Занҳо нисбат ба мардҳо бештар кӯшиш мекунанд, ки ба фасоду ришватхорӣ даст назананд ва дар ҷомеа низ ин иллат аз байн бурда шавад. Ин маънӣ зимни ҳисоботи солонаи директори Агентии мубориза бо коррупсия Акмал Бурҳонов ба аъзои ҳудудии Шӯрои ҷамъиятии назди ин агентӣ зикр гардид.***

Ин ҳисобот дар иштироки васеи коршиносон, хабарнигорони воситаҳои ахбори оммавии давлативу мустақил ва блогерҳо ба вуқӯъ пайваст.

– Президенти мамлакат чанде муқаддам бо исрор талаб намуд, ки дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ мавқеъ ва мақому манзалати зан аҳамияти вижаро касб намояд. «Пӯшида нест, дар ҷое, ки занон кору роҳбарӣ мекунанд, дар он ҷо тартиб, адолат, поквиҷдонӣ, маданият хукмфармост», гуфтани сарвари давлатамон беҳуда нест, – изҳор кард Акмал Бурҳонов.

Дар ниҳоде, ки вай раҳбарӣ мекунад, минбаъд ба ин масъала таваҷҷуҳи хос дода хоҳад шуд. Инчунин, дар робита ба фаъолияти яксолаи агентӣ иброз дошт, ки бо вуҷуди анҷоми корҳои зиёд ҳанӯз наметавон гуфт, ки натиҷаҳо дар маҷмӯъ хушҳолкунандаанд. Зеро, ҷомеа бояд омода бошад, ки ин иллат дар мамлакат куллан решакан шавад.

– Президенти кишвар 6 июли соли 2021 ба Фармон “Дар бораи чораҳо оид ба фароҳам овардани муҳити тоқатнопазирӣ нисбат ба коррупсия, якбора коҳиш додани омилҳои коррупсионӣ дар идоракунии давлатӣ ва васеъ намудани иштироки ҷомеа дар он” имзо намуд. Нуктаи муҳим барои кормандони идораи марказӣ ва минтақавии Агентии мубориза ба муқобили коррупсия маҳз мустаҳкам шудани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти он, ворид шудани як қатор тағйироту иловаҳо барои пешгирӣ аз коррупсия ва муқаррар будани ҷазо дар муқобили ҷиноятҳое мебошад, ки ин ҳуҷҷат фароҳам овардааст, – гуфт Акмал Бурҳонов.

Ба гуфтаи ӯ, ба ҷазо кашидани афроде боз ҳам шадидтар карда шуд, ки ҷиноятҳои коррупсионӣ содир кардаанд. Минбаъд барои татбиқи меъёрҳои сабуккунанда зимни иҷрои ҳукми ҷиноӣ маҳдудиятҳои зиёд ҷорӣ карда мешавад. Дар ин замина бар асоси қарор «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин татбиқи босамари назорати ҷамъиятӣ» тақозо мегардад, ки раванди корҳои мавриди иҷрои ҳар як муассиса, ҳолати молиявӣ, моликияти таҳти тасарруфи он ва тамоми маълумоте, ки андозсупорандагон бояд донанд, кушоду ошкор тақдим карда шавад.

Гуфта шуд, ки то ин замон дар 16 вазорату идораҳо назорати дохилии зиддикоррупсионӣ ҷорӣ шуда буд. Аз 1 октябри соли равон ин кор дар тамоми идораҳо амалӣ мегардад. Масъалаи бархӯрди манфиатҳо дар якчанд вилояти ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки теъдоди умумии он ҳудуди 200-ро ташкил менамояд. Прокуратура доир ба бархӯрди манфиатҳо 73 парвандаи ҷиноӣ боз намудаву онро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ба Қонун “Дар бораи харидҳо” низ навигариҳои зиёд ворид гардидааст. Аз 1 январи соли равон ҳамаи тартибу таомули харидҳои давлатӣ иҷборан ба шакли электронӣ мегузарад. Муддати иштироки харидҳои давлатии субъектҳое, ки ба реестри ягонаи иҷрогарони ноинсоф шомил шудаанд, аз се сол ба ду сол коҳиш ёфтааст.

Зикр гардид, ки дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ оид ба коррупсия нисбати 5 ҳазору 483 нафар 3 ҳазору 769 парвандаи ҷиноӣ ифтитоҳ гардидаву барои баррасӣ ба идораҳои додрасонӣ ирсол шудааст.

– Дар муқоиса бо соли 2020 теъдоди парвандаҳои ҷиноии ба додгоҳ интиқолёфта 2 ҳазору 621 адад ва афроди ба ҷавобгарӣ кашидашуда ба 3 ҳазору 760 нафар афзоиш ёфт. Дар натиҷаи ҷиноятҳои коррупсионӣ ба давлат ва ҷомеаи кишварамон танҳо дар соли 2020 ҳудуди 500 миллиарду 102 миллион сӯм зарар қайд гардида, аз ин миқдор 355 миллиард сӯм ба хазинаи давлат баргардонида шуд. Соли гузашта бошад, миқдори зарари воридшуда 1 триллиону 282 миллиард сӯмро ташкил намуд ва танҳо 69,1 фоизи онро ҷинояткорон ба давлат баргардониданд, – изҳор кард Акмал Бурҳонов. – Соли 2021 аз ҷониби Агентӣ дар доираи лоиҳаҳои «Соҳаи бидуни коррупсия», «Минтақаи бидуни коррупсия» ва барномаҳои давлатии «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» аз рӯйи минтақаҳо ва соҳаҳо зиёда аз 50 тадқиқот гузаронида шуд. Ғайр аз ин, дар 59 объекти бинокорӣ аз рӯйи хариди давлатӣ, ки маблағи умумии он 461,3 миллиард сӯмро ташкил мекунад, корҳои тадқиқотӣ гузаронидем. Бар асоси ҳолатҳои коррупсионии ошкоршуда мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 49 парвандаи ҷиноятӣ ва 24 парвандаи маъмурӣ оғоз намуд.

Ба гуфтаи Акмал Бурҳонов Созмони Милали Муттаҳид дар Ӯзбекистон баргузор намудани форумҳои минтақавиро ба мақсад мувофиқ мешуморад. Зеро, кишварамон дар панҷ соли охир аз рӯйи мубориза бо коррупсия дар миқёси байналмилалӣ корҳои зиёд анҷом медиҳад. Бино ба натиҷагириҳо Ӯзбекистон ҷиҳати мубориза бо коррупсия дар муддати кӯтоҳ ба 63 зина боло рафтааст.

– Баъзеҳо гумон мекунанд, ки ба Агентии мубориза бо коррупсия кормандони ниҳодҳои интизомӣ, ҳуқуқшиносон ва амсоли онҳо шомил шуда метавонанд. Ин соҳа ба кадрҳое ниёз дорад, ки ҷанбаҳои гуногуни кори онро фаҳмида тавонанд, мушахассоту нозукиҳои онро дарк кунанд. Барои ҳамин дар ҷумҳурӣ таъсиси Академияи мубориза бо коррупсия madди назар мебошад. Дар ҳамин ҳол ба роҳ мондани магистратура ва тайёр кардани кадрҳои малаканоки соҳаи мазкурро ҳадаф қарор додаем, – гуфт директори ин агентӣ.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

# МУҶАССАМАИ АЛЛОМАИ БУЗУРГ ДАР ШИРИН

Дар маҳаллаи Бунёдкори шаҳри Ширини вилояти Сирдарё бахшида ба кушоиши муҷассамаи шоир ва мутафаккири ӯзбек Мир Алишер Навоӣ чорабинӣ баргузор шуд.

Дар он ҳокими вилоят Ғафурҷон Мирзоев, раиси Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййид, роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, намояндагони соҳаи таълими халқ, аҳли санъат ва донишҷӯён ширкат варзиданд.

Чорабиниро ҳокими вилоят ҳусни ифтитоҳ бахшида, таъкид намуд, ки пос доштани хотираи эҷодкороне, ки дар таърихи тараққиёти миллиамон ҷойгоҳи муҳим доранд, пухта аз худ намудани мероси илмию адабии онҳо қарзи инсонии мост.

– Қад афрохтани муҷассамаи мутафаккири бузург дар шаҳри ҷавони Ширин, ки ин ҷо неругоҳи барқии обии Фарҳоди вилоят фаъолият дорад, басе рамзист. Зеро, яке аз достонҳои шоир «Фарҳод ва Ширин» ном дорад, – гуфт раиси Иттифоқи нависандагон Сироҷиддин Саййид.




Дар ду тарафи муҷассама ду монитори андозааш 3х2 метр гузошта шуда буд. Тавассути он маълумотҳои таърихӣ ва видеороликҳо дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Навоӣ намоиш дода шуданд.

– Дар шаҳри Ширин 4 мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ, 1 мактаби бачагонаи мусиқӣ ва санъат ва 1 мактаби варзишии кӯдакону наврасон фаъолият дорад. Чун дар ҳамаи мактабҳо дар ин таълимгоҳҳо низ ҳаёт ва эҷодиёти шоир амиқ омӯхта мешавад,– изҳор дошт дар баромади худ мудири бахши таълими халқи шаҳр.

Иштирокдорони чорабинӣ дар пояи муҷассамаи аллома гулчанбарҳо гузоштанд. Дар поёни чорабинӣ шоирон аз шеърҳои ба Навоӣ бахшидаашон, донишҷӯён аз ғазалҳои шоир намунаҳо қироат намуданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

## ХАБАРҲО

### ҲУДУДҲО САБЗУ ХУРРАМ МЕГАРДАНД

***Дар ҳудуди маҷмӯи Техномарт воқеъ дар ноҳияи Яшнободи пойтахт намоиши “Дарахтҳои манзаравии макони сабз” рӯйи кор омад.***

Оиди мақсад ва вазифаҳои лоиҳа сухан ба миён омад ва қайд гардид, ки дарахтшинониву хуррамсозӣ аз анъанаҳои дерин буда, бобоёни мо ин корро савоб низ ҳисобидаанд. Хусусан, дар дами пирӣ ба ҷавонон дар ин самт намуна будан, асрору тамоюлҳои ниҳолшинонию парвариши онро ба насли ҷавон омӯзонидан расм буд, ҳашарҳои ҳар аввалбаҳор бо иштироки умум ташкилшуда ба иду хурсандиҳо мепайваст, ба кас кайфияти баҳорона мебахшид, иброз доштанд баромадкунандагон ва илова карданд, ки таҳти ташаббуси сарвари давлати мо татбиқи амалии худ ёфтани лоиҳаи барномаи “Макони сабз” ба боз ҳам сабзу хуррам ва ободу зебо гардидани диёри мо мусоидат менамояд. Имрӯз дар як худи ноҳияи Яшнобод 66 маҳалла мавҷуд. Дар 21 маҳалла воқеъ дар шаҳри Тошканд бошад, намунавор ташкил кардани корҳои хуррамсозӣ ба нақша даромадааст. Як қатор кӯчаҳо ба таври рамзӣ бо номи дарахту буттаҳои манзаравӣ гузошта мешаванд, масалан, “Кӯчаи каштан”, “Кӯчаи ниҳоли лола” ва ҳоказо. Танҳо ба ноҳияи Яшнобод аз Туркия 680 бех дарахти ҳамешабаҳори ясин оварда шуд, ки нишондани он рӯзҳои наздик ба охир мерасад. То 21 марти соли равон дар шаҳри Тошканд шинондани бештар аз 10 ҳазор бех ниҳолҳои меваноку манзаравӣ пешбинӣ гардидааст.

Баъди намоиш мошинҳое, ки дар бордон дарахт доштанд, ба ҳудудҳо роҳ пеш гирифтанд.

### ШАҲРСОЗӢ РИВОҶ МЕЁБАД

***Ба симои Тошканди имрӯза, ки торафт бештар намуди замонавӣ касб менамояд, қомат рост кардани биноҳои хушсохти истиқоматӣ низ ҳусни дигар зам мекунад. Яъне дар ободгариҳо бинокорон, ки дар ҳалли масъалаи манзил аз ҳама бештар масъуланд, саҳми алоҳида мегузоранд.***

Бо ташаббуси ҳокимияти шаҳри Тошканд ва идораи кадастри шаҳр таҳти мавзӯи “Дар бозори мулки тиҷоратии шаҳри Тошканд қоидаҳои иштирок дар савдои музояда, дигаргуниҳо дар соҳаи шаҳрсозӣ ва қонунҳо” анҷумани матбуотӣ доир гашт ва дар он оиди имкониятҳое, ки барои сохтмончиён фароҳам оварда шудаанд, навигариҳое, ки дар ин бобат дар қонунгузорӣ ҷорӣ мешаванд, гуфтугӯҳо ба амал омаданд. Таъкид ёфт шиддати дигаргуниҳо нафақат дар истеҳсолот ва тарзи зиндагии мардум, инчунин дар анъанаҳои шаҳрсозӣ зиёд ба назар мерасанд. Мувофиқи сарнақшаи шаҳрсозӣ дар ояндаи наздик нафақат биноҳои куҳнаи дуошёна, манзилҳо дар канори роҳҳои магистралӣ, баробари ин маҳаллаҳо ба пуррагӣ аз байн бардошта шуда, ба ҷои онҳо иншоотҳои замонавӣ қад рост мекунанд.

Оиди қоидаҳои хариди замин бо усули аукцион, имтиёзҳо дар гирифтани вомҳо ва дигар масъалаҳои сохтмонӣ соҳибкорон ба саволҳои худ ҷавобҳо гирифтанд.

### МАҚСАД – ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТҲОИ МУСОИД БАРОИ ЗИСТ

***Дар анҷумани матбуотӣ, ки дар Агентии ахбор ва коммункатсияҳои оммавӣ баргузор гардид, иҷрои фармонҳои роҳбари давлати мо дар бораи чораҳои иловагии таъмини аҳолӣ бо манзил тавассути гирифтани кредитҳои ипотекии ба тамоюли бозор асоснокшуда ва дар бораи чораҳои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо дар барпои мавзеъҳои “Ӯзбекистони Нав” мавриди муҳокима қарор гирифт.***

Гуфта шуд дар корҳое, ки дар ин самт пеш бурда мешаванд, тамоюли “Барои қадри инсон” муҷассам мебошад. Барои пешбурди корҳои сохтмонӣ дар асоси “Мавзеи мурувват”-и ноҳияи Бағдоди вилояти Фарғона дар 29 ҳудуди ҷумҳурӣ барпои маҷмӯаи “Мавзеъҳои Ӯзбекистони Нав” ба нақша гирифта шудааст, қайд карда шуд дар чорабинӣ. Барои ин 115 гектар замин ҷудо гардидааст. Барномаи хонаву ҷой таҳти ҳамоҳангӣ бо инфрасохтор амалӣ мегардад, яъне сохтмонҳои манзил дар ҷойҳое, ки ба аҳолӣ қулай мебошанд, корбаст мегарданд. Дар соли 2022 барпои 619 манзил барои 21312 хонадон, 18 мактаби таълими умумӣ, 24 муассисаи томактабӣ, 15 поликлиникаи оилавӣ ба нақша гирифта шудааст.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**




Ба муносибати 110-солагии рӯзномаи «Бухорои Шариф»

# «БУХОРОИ ШАРИФ» ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ПУБЛИТСИСТИКАИ ТОҶИК

***Чеҳраҳои намоёни наҳзати маорифпарварӣ бо он ҳама сайъу талоши хеш дар оғози садаи бист ба рушди матбуот ва публитсистика замина фароҳам оварданд. Онҳо зарурати таъсиси нашрияҳоро ҷиҳати вусъати афкор ва густариши ҷаҳонбинии мардум эҳсос намуда, пайи он талош намуданд, ки ин падидаи тозаи маънавӣ ҳарчӣ зудтар ва бештар миёни оммаи мардум паҳн гардад ва дар бедории миллӣ саҳм гузорад.***

Санаи 11 марти соли 1912 нахустин нашрияи тоҷикии “Бухорои шариф” дар шаҳри Бухоро арзи ҳастӣ намуд, ки дар як муддати кӯтоҳ бо он ҳама матолиби рангину ҷолиби хеш дар вусъати афкору густариши ниёзҳои маънавии мардум заминаи мусоид гузошт. Равшангарони замон саҳфаҳои матбуотро барои ҷавлони афкори хеш истифода намуда, пеш аз ҳама масоили маорифпарвариро ҳамаҷониба тарғиб намудаанд. Инъикоси масоили маорифпарварӣ дар нашрияҳои тоҷикии ибтидои садаи ХХ аз тарафи равшангарони замон ба таври возеҳ сурат гирифтааст. Равшангарони тоҷик вазъи рӯзгори адабию фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоиро бо сабку услуби ба худ хос инъикос намудаанд.

Дар ибтидои садаи ХХ аз Бухорои замони пеш камтар осоре боқӣ монда буд. Аз ин лиҳоз, руҷӯи ҷадидон ба гузаштаи фараҳманди Бухоро муҳимтарин сифати ҳофизаи таърихии онҳоро бозгӯӣ мекунад:

«Ҳар гоҳ мо, мардуми Бухоро, чашми худро кушода, ба як назар фуқарои замонҳои гузаштаи худро пеши чашм биёварем, хоҳем дид, ки мо миллати ҳам дорои илму фунуни солеҳ буда, дар ҷиргаи милали мутаммадин ба шумор мерафтем, муаллими мо Форобӣ, ҳакими мо Бӯалӣ, алломаи мо Бухорӣ, шуарои мо Рӯдакӣ буданд, ки ҳар кадом ягона ва фарди асри худ буд, номашон ҳанӯз зиннатбахши сафҳаи таворих аст».

Осори арзишманди Мирзо Сироҷ бо шеваи баён ва ҷаҳони андешаи ӯ бештар бар пояи воқеияти иҷтимоӣ таълиф гардидаанд. Нуктаи ҷолиб он аст, ки анҷоми мақолаҳои ӯро пурсишҳои паёпай дар бар мегиранд, ки хоҳони ҷавобанд ва онҳо ба рӯҳияву сабки иҷтимоъгарии замона созгорӣ доранд: «Агар Худо нахоҳад, ба манора шикасте ворид шавад, оё мисли аввал метавонем сохт ё на? Дар ҷавоб хоҳед гуфт, ки аз хориҷа усто меорем ва ё ба ҷояш мегузорем».

Масъалаи нарасидан ва мавҷуд набудани мутахассисон дар ҷомеа низ аз ҷониби равшангарон хуб дарк шуда буд, ки ин нуктаро мо дар таълифоти онҳо метавонем мушоҳида намоем. Хонандагони нашрия мушкилоте, ки равшангарон ислоҳи онҳоро дар ҷомеа талаб намудаанд, тарафдорӣ карда, таҷдиду ислоҳи ҷомеаро муҳим ва зарур ҳисобидаанд.

Мирзо Сироҷ китобро омили дигари рушди ҷомеа ҳисобида, таъкид менамояд, ки бо мутолиаи китобҳои зарурӣ метавон ба парвози маънавии аҳли ҷомеа асос гузошт. Дар ҳамон замон Мирзо Сироҷи Ҳаким нақши китобро дар вусъати андеша ва ҷаҳонбинии мардум дарк намуда, дар ин замина тарҷумаи асарҳои машҳури миллатҳои дигарро амри зарурӣ меҳисобад.

Мирзо Сироҷ андешаҳои хешро идома дода, оммаро ба хурофотпарастӣ ва танбалӣ айбдор менамояд. Дар мамолики Аврупо «вақтро зар мешуморанд, аммо моҳо танбалиро савоб медонем ва дар ҷавоби ашхосе, ки аз ин ҳарфҳо зиёд мезананд, мегӯем, ки дунё корвонсаро аст. Имрӯз ҳастем, фардо хоҳем рафт, ба заҳмату азият кашиданаш намеарзад. Ва ҳол он ки, на Худо ва на пайғамбар, аз ин кор розӣ набуда ва балки ба саъй ва талош даъват мекунанд. Ҳамин ҳарфҳои танбалона аст, ки моро ба ин рӯзгор андохтааст».

Ҳадафи муаллиф дар афкори «яхбаста»-и саршор аз андешаҳои дақёнусӣ таъсире гузоштан ва онҳоро ба таҷдид ва ислоҳот дар ҷомеа даъват намудан аст. Дар таълифоти ин равшангари тоҷик мо таъкиду муроҷиати зиёдро мушоҳида менамоем, ки мушаххасоти сабку баёни ӯро нишон медиҳад. Ӯ аз ин шева чун аркони нақл ба таври васеъ истифода бурдааст, ки бешак дар муассирии навиштаҳо нақши барҷаста доранд.

Мутолиаи «Бухорои шариф» возеҳу равшан ин маъниро пеши назар ҳувайдо мегардонад. Чунончи, Мирзо Сироҷ аз ҳамзамононаш ҳамқадами замон будан ва аз ҳар лаҳзаву вақт босамар истифода бурданро хоҳиш менамояд, зеро «такомулу тараққии дунё мунтазири мо, оғоён нест». Пас, беҳтар аст, ки мо ҳам тобеи тараққии олам гашта мисли дигарон ба тараққӣ бикӯшем».

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» барои инъикоси бештари масоили доғи рӯз майл дошт. Маҳз бо ҳамин равиш хонандаи зиёдро ҷалб мекард, онҳо низ бо навиштаҳои ҷолиб воқеияти ҳолро инъикос намуда, афкори пешрави равшангаронро дастгирӣ мекарданд. Чунончи, масъалаи ислоҳ ва рушду тараққии ҷомеа аз ҷониби равшангарони давр, аз тарафи хонандагони рӯзнома акси садо пайдо менамуданд. Масалан, андешаҳои Мирзо Сироҷро хонандае дар маводе бо номи «Тараққии иқтисодӣ» чунин идома додаст: «Агар мо дар ҳақиқат мехоҳем, ки мамлакати мо тараққӣ бикунад, бояд баъзе қавоиди қадимиро аз худ намуда ва аз баъзе корҳои кӯҳна даст бардорем ва илло бояд хотирҷамъ бошем, ки дар оянда ҳам аҳолӣ ва ҳам ҳукумат дучори хисорот хоҳанд шуд... Хисорот кашидани афроди мамлакат муҷиби хисороти давлат аст».

Мирзо Сироҷ ҳамеша ҷонибдори забону сабки сода ва перостаи адабӣ буда, кӯшиш дошт, ки матлабро сода баён намояд. Бо назардошти хусусиятҳои хоси анвои публитсистӣ Мирзо Сироҷ талош ба он намудааст матлабро он гуна баён намояд, ки ба ҳама аҳли ҷомеа дастрас ва фаҳмо бошад. Бо ин амали хеш Мирзо Сироҷ дар раванди баланд бардоштани маърифати мардум ва таъмини ниёзҳои маънавӣ дар он марҳилаи ҳассос нақши босазо гузошт.

Дар «Таҷдиди тазаккур» Мирзо Ҷалол дар боби ҷамъиятҳои хайрия ҳарф зада, зарурати онро барои ҷомеа таъкид менамояд: «Арз мекунем: фарз будани ҷамъияти хайрия барои мусалмонон ба ҳукми оёти шариф аст. Яке аз манофеи умдаи ин ҷамъият он аст, ки ба ҳукми Қуръони карим амал намуда, боиси ризо ва хушнудии Худо хоҳад шуд».

Бо назардошти ҷойгоҳи илму дониш дар рушду пешрафти кишвар Мирзо Ҷалол дар аксари матолиби хеш онро пайваста тарғибу ташвиқ менамояд. Ҷолибии матолиби ин равшангар дар он аст, ки баҳри тақвияти андешаҳои хеш ба китоби муқаддаси «Қуръон» муроҷиат намуда, ҳамчун далел аз он истифода намудааст. Мирзо Ҷалол аз ҷойгоҳи илму дониш дар муъҷизаи ҷовидонӣ Қуръони маҷидро ёд намуда, мегӯяд:

«... дар ҳаштод ояти карима ва ҳазору дувист ҳадиси саҳеҳа ва муътабар амр ба ёд гирифтану илм омӯхтан ва ашраф будани илм нас гардидааст» .

Дар яке аз навиштаҳояш ба масъалаи дину мазҳаб руй овардааст: «Дин иборат аз асоси муқаддас аст, ки ба ҷиҳати саъодати башар аз ҷониби Ҳақ ҷалолаҳу ба инсони комиле таблиғ гардид. Аммо мазҳаб иборат аз вазъи талаққӣ ва амал ба дин аст. Дину қонун, мазҳабу маслак шабеҳи ҳамдигаранд».

Адибони маорифпарвар ва пайравони ин наҳзат ҳам донандаи илми дин-шариат буданд ва аз ин лиҳоз дар аксари матолибашон ба аҳкоми шариат сахт таваҷҷуҳ намудаанд. Чунончи, баъзе аз амалу рафтор ва кирдори муллоҳои ҷоҳилро Мирзо Ҷалол танқид намуда, аз ҷумла, илми сеҳру ҷодуро ҳаром шуморидааст. Ӯ ин амалро маҳкум намуда, таъкид менамояд, ки «Қуръони Шариф»-ро ёд гирифтан ба ҷиҳати фиреб додани мусалмонон ҳаром аст».

Мирзо Ҷалол ба танқиди ин рафтори зишт пардохта, кӯшидааст, ки оммаро аз фиребу дасисаҳои он нафарон воқиф бисозад. Ӯ хуб дарк карда буд, ки ба иллати бесаводӣ оммаро бо ҳар гуна баҳонаҳо он ҷоҳилон фиреб медиҳанд. Ин ҳама иллату дардҳои ҷомеаро Мирзо Ҷалол аз бемаънавиятӣ дониста, орзуи рушди маънавии ҷомеа намудааст.

Табиист, ки публитсистикаи он солҳо, дар баробари даъватҳои иҷтимоӣ, оҳангҳои рӯшани мазҳабӣ низ дошт. Андешаи ҷолиби ин гурӯҳи зиёиён аз он иборат аст, ки онҳо тавассути мақолаву навиштаҳои хеш собит менамуданд, ки дар баробари омӯзиши улуми диния фарогирии улуми дақиқ, чун тиббу табииёт, кимиёву ҷуғрофиё, ҳандаса ва фунуни марбут ба техника ҳам барои тамоми зану марди мусалмон фарз аст. Ва касе бо омӯхтани ин улум кофир ё аз дин хориҷ намегардад. Ба хотири исботи навиштаҳои худ аҳволи қадиму ҷадиди Бухороро муқоиса менамуданд. Масалан, мегуфтанд, ки гузаштагонамон он сохтмону иншооти зиёде, чун мадрасаву манора, масҷиду мақбара бунёд карданд, мо бошем, имрӯз аз ӯҳдаи чунин корҳо намебароем ва ҳатто беҷо гардад, дубора барқарор карда наметавонем.

Адибони равшангар дар маҷмӯъ ба таблиғи илму дониш, тарғиби ислоҳу таҷдиди ҷомеа, норасоию иллатҳои он, шикоят аз замонаю зулму ҷабри амалдорон, таблиғи афкори пешрав ва норозигӣ аз раванди таълиму тарбия дар мактабу мадрасаҳо, рушди тиҷорат дар ҷомеа, ғурур ва худшиносии миллӣ, тарғиби таҷриба ва усулҳои пешқадами мамолики Аврупо дар соҳаҳои мухталиф, эҳтироми инсон ва ҳифзи саломатӣ ва дигар масоил рӯ оварда буданд.

Матбуоти тоҷикии ибтидои садаи ХХ-ро метавон матбуоти баёнгари дарду иллатҳо ва ормони миллат шуморид. Нашрияи “Бухорои шариф” бо он ҳама матолиби ҷолибу рангини хеш пеш аз ҳама дар бозтоби воқеияти замон саҳми назаррас гузоштааст. Ҳамзамон ин рӯзнома дар рушду ташаккули анвои публитсистӣ ва шаклгирии журналистикаи тоҷик нақши сазоворе гузоштааст, ки таҳқиқу омӯзиши амиқи сафҳаҳои он метавонад бисёре аз нозукиҳои анвои публитсистиро мӯайян намояд. Бар замми ин, ҳама омӯзиш ва баррасии рӯзномаи «Бухорои шариф» имрӯз амри зарурист, зеро ҷомеаи мо ниёз ба «андӯхтаҳои маънавӣ»-и равшангарони садаи ХХ дорад.

**Абдуқодири АБДУРАУФ,**
**дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров.**

# “ДӮСТ ОЯД, ГАРМ ДАР ОҒӮШ ГИР...”

***Баъди бо иродаи сиёсии сарони ду кишвари ба ҳам дӯсту бародар муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон боз гардидани гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва ба тасвиб расидани ҳуҷҷатҳои созанда доираи ҳамкориҳои ду мамлакат хеле густариш ёфт. Инак, шаҳрвандони ду мамлакат рафтуои озод доранд, корхонаҳои муштарак созмон дода мешаванд. Саъю кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки халқҳои мо беш аз пеш ба якдигар наздик шаванд.***



Баргузории Рӯзҳои фарҳанги Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ва Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ба қаробати халқҳои мо оғоз бахшид. Як мисоли рӯшани по ба марзи амал ниҳодани муоҳида ва қароргдодҳо байни кишварҳои мо кору фаъолияти густурдаи сафорати Тоҷикистон дар кишвари мост. Пӯшида нест, ки солҳои охир кормандони сафорат таҳти роҳбарии сафири донишманд ва хирадсолори он Абдуҷаббор Раҳмонзода ба мақсади таҳким бахшидани дӯстии халқҳои ӯзбеку тоҷик аз шаҳру деҳоти тоҷикнишини ҷумҳурӣ дидан мекунанд, бо мардум мулоқот мерояанд. Сафари сафир ба ноҳияи Риштони вилояти Фарғона, ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд, деҳаҳои кӯҳии навоҳии Форишу Нурато ва дигар мавзеъҳои кишвар пурбор буд.

Дар оғози фасли эҳёи табиат – баҳори нозанин аз инҷониб хоҳиш карданд, ки дар сафари сафири муҳтарам ба Самарқанди бостониву бӯстонӣ ҳамроҳӣ кунам. Вақте ба роҳ баромадем ҳаво абрӣ буд, сим- сим резаборони баҳорӣ боридан дошт. Дар роҳ ба мо раиси маркази тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов, ки як даста китоби “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Алишер Навоиро дар тарҷумаи устод Ҷонибек Қувноқ бо худ дошт, пайваст.

Бино ба барномаи пешбинишуда меҳмононро дар ҳокимияти шаҳр ҳокими ҷавон ва серғайрат Фазлиддин Умаров гарм истиқбол кард. Байни ҳоким ва сафир мулоқоти пурмуҳтаво сурат гирифт. Сафир барои пазироӣ арзи сипос намуд. Таъкид намуд, ки бо иродаи сиёсии сарони ду давлат созишномаҳои зиёде ба тасвиб расиданд, робитаҳои дӯстӣ ва иқтисодии кишварҳои ҳамҷавор таҳким меёбанд. Халқҳои мо аз ин мамнун. Мо дарояндаи наздик байни шаҳрҳои Панҷакенту Самарқанд робитаҳои тиҷоратиро ба роҳ монданием. Ба ин мақсад бозори сарҳадие созмон доданӣ ҳастем. Агар фармоиш шавад, фикри харидории автобусҳои Самарқандро дорем, сайёҳиро ба таври густурда ба роҳ монданием, созмон додани корхонаҳои муштарак дар мадди назар аст. Соҳибкорони самарқандӣ метавонанд дар вилояти Суғд корхонаҳои муштарак созмон диҳанд. Ҳамкориҳоро дар соҳаи илм ва фарҳанг низ метавон густариш дод... Ин ҳама ба таҳким бахшидани дӯстии халқҳои мо мусоидат менамояд.

Ҳоким, баъди табрик бо оғози фасли баҳори нозанин, аз қаробати халқҳои мо сухан ба миён овард. Гуфт, ки мо робитаи тиҷоратию фарҳангӣ ва иқтисодиро бо ҳамаи шаҳрҳои Тоҷикистон таҳким бахшида, аз наздик ҳамкорӣ хоҳем кард. Сафорат дар робитаи байни ду мамлакат чун кӯпрук хидмат мекунад. Мо дар ин росто ба кумаки шумо умед мебандем...

Дар Маркази фарҳанги миллии тоҷикон ва тоҷикзабонони Самарқанд, ки дар “Хонаи дӯстӣ” манзил дорад, сафирро раиси маркази номбурда, ҷавони кӯшову донишманд Акбар Маҳмудов, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъа Ҳамроҳ, шоир Нормурод Каримзода ва дигар фаъолони марказ хуш истиқбол карданд.

Сафир дар гирдиҳамоӣ изҳор дошт, ки робитаҳои мо бо ибтикори сарони ду давлат густариш меёбад, ҳоло дар сарҳадҳои ду кишвар 17 гузаргоҳ боз шудааст. Сайёҳӣ ривоҷ меёбад. Аз Самарқанд дар муассисаҳои таълими олӣ 250 нафар донишҷӯён таҳсил мекунанд. Тавре, ки гӯштро аз нохун ҷудо кардан намешавад, халқҳои моро наметавон аз ҳам ҷудо кард.

Раиси марказ изҳор дошт, ки аҳли илму адаб, зиёиён ва аҳолии шаҳр аз ташрифи ҷаноби сафир хеле мамнунанд. Мо дар тӯли сӣ сол бори аввал сафири Тоҷикистонро дар Самарқанд мебинем. Дар кишвари мо 130 халқияту миллат, аз ҷумла тоҷикон, чун дар як оила ба сар мебаранд. Воқеан, робитаҳои фарҳангию иқтисодӣ байни Ӯзбекистону Тоҷикистон густариш меёбанд. Мардуми ҳар ду кишвар боз шудани гузаргоҳҳои сарҳадиро бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд. Бисёр адибону ҳунарпешагон ба Самарқанд омаданд. Фикр мекунам, суҳбату мулоқот ва ҳунарнамоии онҳо ба қаробати беш аз пеши халқҳои мо мусоидат намуд. Аз он, ки мактабҳои таълими ҳамагонии тоҷикӣ ба китобҳои бадеӣ ниёз доранд, маркази мо бо ҳамкорӣ ва ҳамдастии кормандони “Овози Самарқанд” беш аз 80 нусха китоби адибонро интишор намуда, ба 50 мактаби таҳсилоти ҳамагонии вилоят тақсим кард.

Дар поёни мулоқот туҳфаҳои хотиравӣ супурда шуданд. Сафир барои мактабҳои тоҷикӣ китоб армуғон кард.

Дар бинои наву замонавии матбуоти шаҳр, ки он ҷо се рӯзномаи даврӣ “Зарафшон”, “Овози Самарқанд” ва “Самаркандский вестник” кору фаъолият доранд, суҳбати хотирмон сурат гирифт. Меҳмонон аз осорхонаи муштараки рӯзномаҳо дидан карданд. Барояшон ташкили осорхона, ки аз таърихи матбуоти шаҳру вилоят нақл мекунад, писанд омад.

– Хуш омадед, ҷаноби сафир, ба Самарқанди бостонӣ. Рӯзномаи «Овози Самарқанд» таърихи 30-сола дорад, – изҳор дошт ҷавони чашмикордон, шоир ва сармуҳаррири “Овози Самарқанд” Баҳодур Раҳмонзода. – Бо саъю кӯшиши фаъолон ва дастгирии ҳокимияти вилоят ҳоло теъдоди муштариёни рӯзнома ба маротиб афзудааст. Мо бо дастгирии маркази фарҳанги тоҷикон ва тоҷикзабонони вилоят ва дигар такядорон таҳти унвони “Китобхонаи “Овози Самарқанд” ҳар сол чанд номгӯй китоб чоп мекунем, ҷашнҳои шоиру нависандагонро мегузаронем. Ба наздикӣ маҷмӯаи шеърии шоири шаҳиди тоҷик Ҳабиб Юсуфиро ба дасти чоп супурдем.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*Ба кумаки омӯзгор*

# ТАВСИЯҲО ДОИР БА НАВИШТАНИ ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ДАР СИНФИ IX

Дар Ӯзбекистон таълими ҳатмӣ ба ҳафт забон ба роҳ монда шудааст. Боиси хурсандист, ки ба таълимгирандагон бо забони модариашон китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ нашр мешаванд. Вале дар мактабҳое, ки таълим ба забони тоҷикист, то имрӯз барои навиштани диктант ягон дастури амалӣ нест. Аз ин рӯ, ин тавсия барои омӯзгорон маводи хубест.

Тибқи барномаи таълимӣ дар синфҳои нӯҳум қабули диктанти санҷишӣ ба роҳ монда шудааст. Аслан, диктанти санҷишӣ дар синфҳои болоӣ мувофиқи нақшаи зерин нишон дода шудааст.

Синфҳои
V – 100-120 калима,
VI – 120-130 калима,
VII – 130-150 калима,
VIII – 150-170 калима,
IX – 170-200 калима.

Аз ин рӯ, дар вақти навиштани диктанти санҷишӣ, омӯзгоронро зарур аст, ки нишондоди стандарти давлатии таълимро риоя карда, мавзӯъро барои донишомӯзон пешниҳод намоянд. Зеро, дар ин ҷо мавзӯъҳо мувофиқи синну сол ва дараҷаи азхудкунии талабагон интихоб карда мешавад. Бояд гуфт, ки баробари пешрафти соҳаи таълим, тарзи навишти диктантҳо ҳам тибқи талаби давру замон рӯ ба беҳбудӣ тағйир ёбад. Фаразан, аз тарзи схоластики (шахшудамонда)-и давраи пешин бояд парҳез кард.

Чун ба ҳамагон маълум аст, мавзӯи диктанти санҷишӣ аз ҷониби омӯзгор ба хондани матне, ки ба ягон талабот ва ё эҳтиёҷи хонандагон барнамехӯрад, ба роҳ монда мешавад. Яъне, омӯзгор матнро мехонад ва талабагон менависанд. Ва албатта, дар охир барои дуруст кардани хатоҳои имлоиву услубӣ ва ё ишоратӣ омӯзгор матнро бори дигар мехонад ва талабагон хатоҳои худро дуруст мекунанд. Ва ҳамин сохтор то ҳоли ҳозир солҳост, ки давом меёбад, вале касе барои пешниҳод кардани варианти нави он ҳақдор набуд, ба вуҷуди он ки баъзе омӯзгорон аз тарзҳои нави он огоҳ буданд. Инак, тарзи навишти диктантро дар ҷараёни дарси «диктанти санҷишӣ” аз омодагии махсуси омӯзгор ва донишомӯзон оғоз менамоем. Зарур аст, ки омӯзгор мавзӯеро мутобиқи синну соли донишомӯзони синфҳои нӯҳум аз ягон асари бадеӣ ё ягон асари илмӣ ва ҳамчунин, маводи матбуоти даврӣ ё адабиёти дидактиву ахлоқӣ интихоб намояд. Ва ҳатман онро дар дафтар ва ё варақаҳои алоҳида ба тарзе, ки худ мегузаронад, сабт намуда ба дарс ҳозир шавад. Хонандагон бояд аз матн панҷ калимаи дилхоҳи худро интихоб намуда, ба онҳо мутазод (антоним) нависанд. Масалан, ба устод-шогирд, зиёд-кам, пеш-пас ва ғайра.

Он чӣ ки дар раванди дарс баён намудем, маҳз барои ташкили дарси диктанти санҷишӣ нигаронида шуда буд. Ва ин ҳама барои дарси як соати ҷудокардашуда кифоя нест. Зеро, ҳадаф аз навиштани диктант санҷидани фаъолияти талаба дар назар дошта мешавад. Омӯзгор бо воситаи диктант набояд саҳву хатоҳои талабаро нишон додаву сарсарӣ гуфта гузарад. Мебояд, ки сари ин масъала масъулияти ҷиддӣ ҳис намуда, ба ҳамаи ҷабҳаҳои омӯзиши талаба эътибор диҳад. Фаразан, якум ба тарзи дурусти навишти ҷумла, ҳусни хат ва ҳошияву сохтори диктант боэътибор бошад. Зеро, хонандагоне ҳастанд, ки ба қоидаҳои ҳусни хат ва ҳошия аҳмият надода, дар синфҳои поёнӣ ба инобат нагирифтани муаллимонро ҳамчун сабаб нишон медиҳанд. Ин қобили қабул нест. Дар вақти нависондани диктант омӯзгор бояд байни курсиҳо гашта, ба ҳусни хати талабагон эътибор диҳад ва бадхатонро дар ҷараёни кор огоҳ созад, ки ба ин тариқи талабот эътиборнок бошанд. Мақоли зебои мардумӣ ҳаст, ки “Ҳусни хат нисфи ҳусни ботин аст” ва ин матлабро бояд дар раванди дарс доимӣ ёдрас намуд.

Ва албатта муаллимро зарур аст, ки аз аввали дарс қоидаи озоднависиро дар умқи фаҳми донишомӯзон ҷойгир намояд. Зеро, таҷриба нишон медиҳад, ки бисёре аз донишомӯзон рӯбардоркуниро пеш аз ҳама муҳим дониста, нисбат ба навиштани диктант беэътибор мешаванд.

Омӯзгори эҷодкор сари гузарондани ду соати диктанти санҷишӣ ба бисёр муваффақиятҳо соҳиб мешавад. Нахуст ба меъёрҳои стандарти давлатии таълим риоя карда, шогирдонро дар ҳамин рӯҳия тарбия менамояд. Сипас, бо ташкили методҳои нав ва дастрасии навъҳои гуногуни таълим донишомӯзонро ба олами нави соҳаи таълим раҳнамун месозад. Яъне метавонад ба саволу супоришот доир ба ибораҳои рехтаву устувор, ҳиссаҳои гуногуни нутқ, тарзҳои калимасозӣ, аъзои ҷумла, услубҳои нутқ ва як қатор соҳаҳои забоншиносӣ муроҷиат намояд, то донишомӯзон мавзӯъро азхуд намоянд.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**устоди Донишкадаи омӯзгории Чирчиқ.**

# ИҚДОМИ НЕКИ ВОЛИДОН



***Чанде пеш дар мактаби таълими умумии рақами 9-уми деҳаи Дарбанди ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё иди “Алифбо” бошукӯҳ таҷлил гардид.***

Ба ҳамин муносибат падару модарони донишомӯзони мактаб ба иқдоми нек даст заданд. Дар якҷоягӣ нимпайкараи нобиғаи бузург, мутафаккири беҳамтои Шарқ, шоири машҳур, олими тавоно ва табиби ҷаҳонӣ Абӯалӣ Ибни Синоро, ки хеле кӯҳнаву таъмирталаб гардида буд, дубора бозсозӣ намуда, дар саҳни мактаб гузоштанд.

Боиси эътироф аст, ки истиқболи ҷашни “Алифбо” дар назди нимпайкара дар донишомӯзони хурдсол низ таассуроти хуб гузошт. Хурсандии омӯзгорон, хонандагон ва аҳли деҳа ҳадду канор надошт. Гӯё нимпайкара ба мактаб файзу таровати дигар оварда буд. Ҳозирин ба Ибни Сино эҳтиром ба ҷо оварданд.

Нотиқон дар бораи шуҳрати ҷаҳонии Сино, таърихи бунёди нимпайкара, саҳми ҷавонони ҳимматбаланди Дарбанд дар таъмиру тармими он, аҳамияти гузоштани пайкараҳо дар тарбияи насли ҷавон ҳарф заданд ва ба булбулакони боғи дониш дар ҷодаи таълим бурдбориҳо таманно намуда, ният карданд, то дар оянда аз байни онҳо ҳам чун Сино инсонҳои маъруфу машҳур, мутафаккирони бузург ба камол бирасанд.

Ёдовар мешавем, ки мактаби таълими умумии рақами 9 таърихи беш аз якасрина дошта, аз ибтидо то кунун раванди таълим бо забони тоҷикӣ сурат мегирад. Солҳои пеш ин боргоҳи таълимӣ, ки шоиру нависандагон, намояндагони пешқадами ҷомеаро ба камол расондааст, маҳз бо номи шоир ва табиб Абӯалӣ Ибни Сино номгузорӣ шуда буд.

**Фирдавс САФАРҚУЛОВ,**
**донишҷӯйи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

# “ДЎСТ ОЯД, ГАРМ ДАР ОҒЎШ ГИР...”

(Аввалаш дар саҳ.3).



Раиси Иттиҳоди журналистони вилоят, шоир, нависанда, сенатор Фармон Тошев, ҷонишини сармуҳаррири рўзнома Бахтиёр Ҷумъа меҳмони олиқадрро хайра мақдам гуфта, аз сафарҳои худ ба Тоҷикистон, дўстиву ҳамкории аҳли сухан ва табодули саҳифаҳои муштарак дар матбуоти даврӣ сухан ба миён оварданд. Фармон Тошев изҳор дошт, ки имкони дар нашриёҳои Самарқанд ташкил додани сутуне таҳти номи “Муждаҳо аз Тоҷикистон” вуҷуд дорад...

Сафир аз истиқболи гарми ҳайати таҳририя арзи сипос намуд. Сипас аз қаробати халқҳои тоҷику ўзбек, таърихи робитаҳои адабӣ, ки аз кору фаъолияти ду симои бузурги адабиёт – Мавлоно Абдураҳмони Ҷомию Мир Алишери Навоӣ маншаъ мегирад, ҳарф зад. Гуфт, ки бе мактабу рўзнома миллат ташаккул намеёбад. Рўзномаи “Овози Самарқанд” метавонад бо рўзномаҳои даврии Тоҷикистон ҳамкориҳоро ба роҳ монад, саҳифаҳои муштарак созмон диҳад, имкон ҳаст, ки мо журналистони беҳтаринро ба узвияти Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон қабул кунем...

Рўзи дуюми сафар меҳмонон аз мақбараи Амир Темур, мадрасаҳои Шердору Тиллокорӣ, Мирзо Улуғбек ва Хона-музейи устод Садриддин Айнӣ дидан карданд.

Мудири хона-музейи устод Айнӣ – Амриддин Пўлодӣ, ки ба се забон – тоҷикӣ, ўзбекӣ ва русӣ балад буд, меҳмононро бо роҳи тайкардаи ҳаёти поягузори адабиёти навини тоҷик, яке аз асосгузорони адабиёти навини ўзбек, Қаҳрамони Тоҷикистон, барандаи ордени “Буюк хизматлари учун” аллома Садриддин Айнӣ, ки ба бисёр адибону рўзноманигорони тоҷику ўзбек ҳаққи устодӣ дорад, ошно намуд.

Хона-музей порае аз таърих аст, ки ҳар нигораи он ба имрўзиён аз тарзи зиндагии гузаштагон нақл мекунад. Дар ин хона сандалӣ, палосу кўрпача, дастхатҳо, аксҳои таърихӣ, қаламу сиёҳидон, портфел, мизу курсӣ, маҷаллаву рўзнома, китобҳо, телефон, дивани куҳнасохт, офтобаву дастшўй, сарпўш, либосу пойафзор ва дигар ашё тарзи ҳаёти устоди суханро пеши назар меоваранд... Дар девори осорхона моро тақвими деворие мутаваҷҷеҳ сохт. Дар он, ки одатан ҳар варақашро баъди 24 соат, яъне як шабонарўз даронда мепартоянд, рақами 10 майи соли 1953 ба назар мерасид. Бино ба гуфти мудир ин сана таърихи аз Самарқанд ба Душанбе рафтани устод будааст...

– Хона-музей дар тўли кору фаъолияташ роҳи пуршебу фарозро пушти сар гузошт – изҳор дошт Амриддин Пўлодӣ. – Чанд бор ба баҳонаи он, ки ба намои шаҳр халал ворид менамояд, ба дигар ҷо кўчонданӣ шуданд...

Бо дастгирии роҳбари давлат Шавкат Мирзиёев он солҳои охир рўйи таъмири ҷиддиро дид, пешайвонаш аз нав барқарор карда шуд.

Сафир дар Китоби хотираи Хона-музей соядаст гузошт. Ба Президент аз эътибораш ба Хона-музейи инсон ва адиби бузург арзи сипос намуд. Сипас оятеро аз каломи раббонӣ қироат намуда, ба рўҳи пурфутўҳи устоди сухан бахшид...

Меҳмонон ҳамон рўз ба зиёрати мақбараи нахустин Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ислом Каримов, ки дар баландии хушбоду ҳаво бунёд гардидааст, рафтанд. Сафир, баъди гулгузорӣ ба қабр, оятеро аз каломи раббонӣ қироат намуда, ба рўҳи шодравон бахшид. Гуфт, ки Ислом Каримов сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ буд...

Рўзи сеюм ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, узви сенат, доктори илмҳои механика, профессор Рустам Холмуродов меҳмони олиқадрро хуш пазируфта изҳор дошт, ки дар донишгоҳ бино ба ихтисосҳои гуногун 10 гурўҳи тоҷикӣ амал мекунад. Мо дар фикри бо кадрҳои баландмалака таъмин кардани ин гурўҳҳо ҳастем. Ҳамкорӣ бо Тоҷикистон сол аз сол густариш меёбад.

Ректор лутф кард, ки ҷаноби сафир меҳмон нестанд, балки ба хонаи худ омадаанд, Самарқанд маркази фарҳанги тоҷикон низ ҳаст. Лутфи ў бамаврид буд... Ҷонибҳо доир ба густариши доираи ҳамкориҳо табодули афкор намуданд...

Сипас, дар толори факултаи биологияи донишгоҳ вохўрии сафир бо аҳли илму адабу фарҳанг, санъаткорон ва донишҷўён ба вуҷўъ пайваст. Проректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов оид ба корҳои байналхалқӣ, профессор Акмал Аҳадов ба маҳфили пуршукўҳ ҳусни ифтитоҳ бахшида, риштаи суханро ба сафири Тоҷикистон дод.

– Одамони сарбаланди Самарқанди бостонию бўстонӣ ба рушди адабиёту санъат, матбуот, таълими халқ, боғдорӣ, чорводорӣ, меъморӣ ва дигар соҳаҳои Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштаанд, ки дар саҳифаҳои таърихи мо бо ҳарфҳои заррин навишта шудаанд, – гуфт Абдуҷаббор Раҳмонзода. – Нахустин маҷалла ва рўзномаҳои тоҷикӣ дар Самарқанд рўйи чопро дидаанд. Шахсан мояи ифтихори ман он аст, ки рўзгоре рисолаи номзадиамро дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд дифоъ намудаам. Ин аст, ки имрўз маҳз аз ин мактаби олӣ дидан кардам.

Шайх Саъдии Шерозӣ фармудааст:

*То мард сухан нагуфта*
*бошад,*
*Айбу ҳунараш нуҳуфта*
*бошад.*

Мо бо ҳамроҳии сафир то расидан ба Самрқанд чанд дарёро пушти сар гузоштем. Вале намедонистем, ки бо мо дарёи донишу фарҳанг ва шеъре сўйи Самарқанди қандманд ҷорист. Ин дарё дуру гуҳарҳояшро ҳангоми суҳбату вохўриҳо бо аҳли илму адаб ва фарҳанг дар партави чашми дилҳо бозтоб кард...

Дар гирдиҳамоӣ декани факултаи биология, профессор Азамат Пардаев, мудири кафедраи адабиёти Шарқ Ҷумъа Ҳамроҳ, шоира, роҳбари маҳфили адабии “Қофилаи Рўдакӣ” Дилшоди Фарҳодзод, раиси бахши тоҷикии Иттиҳоди нависандагони вилояти Самарқанд шоир Асадулло Исмоилзода ва дигарон ба сухан баромада доир ба сиёсати дурандешонаи сарони ду кишвар муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон изҳори ақида карданд. Гуфтанд, ки сафири томулихтиёри Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода дар роҳи амалӣ гардидани созишномаҳое, ки байни ду давлат ба тасвиб расида буданд, кўшиши зиёд ба харҷ медиҳад. Муҳаррири маҷаллаи “Дурдонаи Шарқ” Асадулло Исмоилзода ба сафир шумораи нахустини онро армуғон кард...

Сафари кории сафири Тоҷикистон ба минтақаи озоди иқтисодии Ургут самарабахш буд.

Шоири шаҳири тоҷик Мирзо Турсунзода фармудааст:

*Дўст ояд, гарм дар оғўш гир,*
*Расми хуби тоҷиконро*
*гум макун.*

Самарқандиён ин панди устодро ба кор гирифта, сафирро дар ҳама ҷо гарм ба оғўш гирифтанд.

**Абдулло СУБҲОНОВ,**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигорони**
**“Овози тоҷик”.**

***Дар курорти лижатозии кўҳии «Амирсой»-и вилояти Тошканд аз ҷониби Кумитаи миллии паралимпии Ўзбекистон бори аввал чемпионати мамлакат оид ба варзиши паралижатозии кўҳӣ баргузор гардид.***

# ЧЕМПИОНАТ ОИД БА ПАРАЛИЖАТОЗИИ КЎҲӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

Муовини вазири рушди варзиш Шаҳрилло Маҳмудов, раиси Кумитаи миллии паралимпии Ўзбекистон Мухторхон Тошхоҷаев, ректори Донишгоҳи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ўзбекистон Маҳмуд Болтабоев, директори генералии курорти «Амирсой» Саидвалӣ Саидхоҷаев дар маросими ифтитоҳи чемпионат нутқ эрод намуда, таъкид карданд, ки солҳои охир дар мамлакатамон ба рушди намудҳои зимистонаи варзиш, сохтмони маҷмўъҳои замонавии варзишӣ, таъмини иштироки варзишгаронамон дар Бозиҳои зимистонаи паралимпӣ эътибори бузург дода мешавад.

Дар мусобиқаҳо оид ба варзиши паралижатозии кўҳӣ байни занон Асел Турдимуратова ғолиб омад. Ҷойи дуюм ба Юлдуз Маҳмудова насиб гардид. Байни мардон Фирдавс Хидоятов беҳтарин дониста шуд. Медали нуқра насиби Комрон Абдувоҳидов гардид.

Ба ғайр аз ин, мусобиқаҳои саракунӣ оид ба парасноуборд ва кёрлинг дар аробачаҳо гузаронда шуданд.

Чорабинии мазкури варзишӣ барои параварзишгарони мо, ки иродаи қатъӣ ва матонат нишон медиҳанд, рўйдоди фаромўшнопазир гардид. Чемпионат ба онҳо имкон дод, ки дар роҳ ба бозиҳои зимистонаи паралимпӣ ва минтақавӣ қадами муҳим гузоранд.

**Тўлқин РЎЗИЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

# ЗАН АГАР ОТАШ НАМЕШУД...

Баҳор яке аз фаслҳои зеботарини сол мебошад. Баҳор фасли эҳёи табиат буда, дар ин фасл идҳои гуногун баргузор мешаванд. Фасли баҳорро ба зан қиёс мекунанд. 8 Март иди занону духтарон низ дар оғози фасли баҳор ҷашн гирифта мешавад. Духтарон, бонувон дар ин ид мисли гулҳои баҳорӣ мешукуфанд. Миллати мо ба зану модар арҷ мегузорад. Шоири шаҳир Мирзо Турсунзода дар васфи зан фармудааст:

*Зан агар оташ намешуд,*
*хом мемондем мо,*
*Норасида бодаи дар ҷом*
*мемондем мо.*

Мо бояд ба қадри зану модар – бахшандаи ҳаёт бирасем. Мо дар назди модар, ки ба мо гуфтан, роҳ гаштан ва зистан омўхтааст, як умр қарздорем.

Модар фарзандашро ҳамеша дўст дошта эҳтиёт мекунад. Ҳангоми ба сафарҳои дур баромадан бо дасти кушод дуо мекунад. Ҳар қадар ўро дўст дорем, ҳамон қадар кам аст.

Пораи зерини шоири бузурги тоҷик Лоиқ Шералӣ, ки моро ба эҳтиром кардани модар даъват менамояд, симои модари тоҷикро пеши назар меоварад:

*Нарафтӣ берун аз деҳа,*
*надиди рўйи оламро,*
*Ба гирди хеш гўё чарх гаштӣ,*
*зиндагӣ кардӣ.*
*Ба гирди деҳа гўё домани гардун*
*бичаспида,*
*Туро бурдаст роҳи нияту*
*азми ҷаҳонгардӣ,*
*Ҷӣ дорад олами дар худ ниҳони*
*ту, аё модар, аё модар!*

**Мухлиса ШАРИФОВА,**
**хонандаи мактаби рақами**
**56-уми ноҳияи Бекободи**
**вилояти Тошканд.**

# ИН БА ГУФТАН ОСОН АСТ!

***Ман беҳуда ба ин мақола ё вокуниш ба гуфтаҳои Президенти мамлакат, ки дар “Стратегияи тараққиёт барои солҳои 2022-2026 таҷассум ёфтааст, чунин сарлавҳа нагузоштаам. Дар ҷамъомади видеоселекторӣ бо иштироки Шавкат Мирзиёев ҳарфу суханҳое ироа гардид, ки ҳаёти мо, занону духтаронро тағйир хоҳад дод ва дар мавриди муносибат бо зан дар кишварамон куллан табодули назар сурат хоҳад гирифт. Аз тариқи телевизион дидам, ки Шавкат Миромонович дар баробари матраҳ намудани масъалаҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба беҳбуди вазъи занону духтарон таваққуф намуд.***

Маълум шуд, ки беҳбуди шароити зист ва манзили 27 ҳазор зан барномарезӣ шудааст ва аз ҳисоби кредитҳои барои субсидия ихтисосёфта ҳудуди 40 фоизи он ба занону духтарон нигаронида мешавад. Ҳоло дар кишварамон оилаҳои зиёде ба қайд гирифта шудаанд, ки маҳз бо сарпарастии занҳо дар хонаҳои шахсони дигар иҷоранишинанд. Барои ин гуна оилаҳо, ки теъдодашон 14 ҳазорро ташкил мекардааст, моҳе 500 ҳазор сўмӣ ҳақи иҷора аз тарафи давлат ҷуброн карда хоҳад шуд.

Баъзан ғамхориҳои беназир дар ҳақи занону духтаронро аз тарафи сарвари давлат ва ҳукумат дида гумон мекунам, ки ҳамаи он мисли хобу хаёл ва дур аз ҳақиқатанд. Аммо эҳсос менамоям, ки дар бедориам ин ҳамаро мебинаму дарк мекунам. Президенти мўҳтарам гуфт, ки соли 2022 дар ҷумҳурӣ 1 ҳазор хонаҳои иҷтимоӣ харида мешаванд ва ҳокимони вилоят 700 адади ин хонаҳоро ба занони танҳо ба иҷора медиҳанд ва ба онҳо касбу ҳунар низ ёд дода мешавад.

Ин ба гуфтан осон аст!

Масъалаи барқарор намудани саломатии занон ва ба онҳо расонидани хидмати ройгони тиббӣ низ аз мадди назари Президенти мамлакат дар канор намонд. Вай гуфт, ки ба 6 ҳазор зан хидмати дараҷаи баланди тиббӣ расонида мешавад, ки нисбат ба соли гузашта панҷ баробар афзоиш хоҳад ёфт. Ин хидматрасонӣ дар ивази 100 миллиард сўм анҷом мепазирад.

Дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни кишварамон занону духтарони маълўл 10 ҳазор нафарро ташкил мекунанд, ки ҳамаи онҳо ба воситаҳои реабилитатсионӣ ниёз доранд. Чунин занону духтарон дар ноҳияи мо низ ба қайд гирифта шудаанд. Ҷои шубҳа нест, ки онҳо ин ҳарфу суханҳои сарвари давлатамонро аллакай шунидаву аз хурсандӣ меболанд. Гузашта аз ин, ба гуфтаи Шавкат Мирзиёев бар ивази 40 миллиард сўми буҷа 3 миллион занону духтарон аз скринингҳои онкологӣ мегузаранд.

Ин ба гуфтан осон аст!

– Дар давоми солҳои 2022-2025 тармими комплексии 227 таваллудхона ва 46 маркази перинаталии байнинохиявӣ мадди назар мебошад. Занони синни ҳомила, ҳомиладорон ва занони ба парвариши кўдак машғул бо доруву витаминҳои ройгон таъмин мегарданд ва маблағҳои ба иҷрои ин кор сафарбаршуда аз 30 миллиард ба 100 миллиард сўм афзоиш дода мешавад, – изҳор намуд Президенти мўҳтарам.

Ин ба гуфтан осон аст!

Аммо дар кишвари мо барои беҳбуди шароити занону духтарон ва ба таври фаровон зиндагӣ кардани онҳо гомҳои ҷиддӣ бардошта мешаванд. Ба таъкиди Шавкат Миромонович ба занону духтароне, ки барои таҳсил дар зинаҳои гуногуни сохтори таълим майлу рағбат доранд, кумак карда мешавад. Ҳатто таъсиси донишгоҳи алоҳидаи соҳаи бофандагӣ мадди назар гирифта шудааст, ки бар асоси шарикии давлатию хусусӣ дар шаҳри Тошканд арзи вуҷуд хоҳад кард ва дар он занону духтарон ба таҳсил фаро гирифта хоҳанд шуд.

Масъалаи дигаре, ки сарвари давлат ба он таваҷҷуҳ намуд, солона ба дунё омадани ҳудуди 700 ҳазор тифл мебошад, ки онҳоро маҳз зан-модар таваллуд мекунад. Барои ҳамин лозим дониста шуд, ки муддати ба декрет баромадани занони ҳомила дақиқ карда шуда, 4 моҳ пеш аз таваллуд шудани тифл онҳо аз кор фориғ шаванд. Ба ҳар кадоми ин занҳо барои 4 моҳ 2 миллион сўмӣ нафақаи якмаротибавии ҳомиладорӣ пардохта мешавад. Бидуни шакку шубҳа, ин маблағҳои зиёдеро аз буҷаи мамлакатамон тақозо менамояд ва ба гуфтаи Президенти мамлакат барои соли 2022 200 миллиард сўм, барои соли 2023 1,7 триллион сўм ихтисос меёбад.

Ин ҳам ба гуфтан осон аст!

Бубинед, ки фароҳам овардани шароит барои занону духтарон бо ҳамин иктифо намекунад. Ба фарзандони оилаҳои камбизоат, ки ба кўдакистонҳо меравад, ҳақи пардохт аз ҳисоби буҷаи давлат сурат мегирад. Барои кўдаконе, ки модаронашон дар корхонаҳои истеҳсолотӣ, кластерҳо ва басти шабона кор мекунанд, ин ҷо кўдакистонҳо ташкил карда шаванд, ҳақи тарбиячиёни он аз тарафи давлат ҷуброн мегардад.

Интизор меравад, ки саҳми донишҷўдухтарони донишгоҳҳои фанҳои дақиқ, равияҳои фаннӣ ва ҳуқуқшиносӣ аз 24 ба 40 фоиз боло бурда мешавад ва бар асоси квотаҳо сурат мегирад. Ғайр аз ин, аз соли нави таҳсил барои духтароне, ки дар мактабҳои олӣ ё миёнаи махсус аз тариқи шартнома таҳсил мекунанд, бори нахуст барои 7 сол қарзи бидуни фоизи ҳафтсола ҷорӣ карда мешавад.

Ба гуфтаи сарвари давлатамон “Ин имконият дар таърихи мо умуман беназир аст”.

Ин ҳам ба гуфтан осон аст!

Агар духтарон дар магистратура таҳсил кунанд, аз соли нав пули шартнома намепардозанд. Солона барои таҳсил ба донишгоҳҳои хориҷӣ фиристодани 50 нафар духтарон ва 10 нафар ба магистратура мисли хобу хаёлест, ки дар ягон мамлакати дунё ба ин кор иқдом накардаанд! Барои докторантура солона ҷудо намудани 300 ҷо барои занону духтарон низ ҳодисаи беназир мебошад.



Пўшида нест, ки хушунатҳои хонаводагӣ, ба таҳқиру фишор мувоҷеҳ кардани занону духтарон ҳанўз дар ҷомеаи мо ба назар мерасанд. Ҳарчанд ин падида барои эътибор ва обрўи кишвар ва мардуми мо хос нест, вале ба вуқўъ пайвастани он шаҳодат бар он аст, ки фаҳмиши пасту аз фарҳанг дур будани баъзе мардон маҳз дар чунин хушунатҳо даст доранд. Барои ҳамин сарвари давлат мавриди ҳимоя қарор гирифтани ин тоифаи занону духтаронро таъкид варзида, ҳатто бо суд ин ҳимояро кафолат медиҳад.

Боз як ҳолати дигар дар байни мардуми мо роиҷ гаштааст, яъне духтаронеро ба шавҳар медиҳем, ки ҳанўз ба ҳаёти мустақилона омода нестанд. Ин масъала низ аз мадди назари Президенти кишвар дур намондааст.

Ин ҳам ба гуфтан осон аст!

Гуфта мешавад, мо мардуми Ўзбекистон ба давраи нави таърихие ворид мешавем, ки шаъну шуҳрати Ватанамонро боз ҳам болотар хоҳад бурд. Дар ин замина модарон масъуланд, ки дар тарбияи фарзандони дорои фазилатҳои беҳтарини инсонӣ, мард ва ҷасур саҳм бошанд.

Тавре ки Шавкат Мирзиёев гуфт, “Дар мамлакат зан хушбахт бошад, ҷамъият хушбахт мешавад” ва бояд ин таъбир сарманшаи кори аъзои ҳар як хонавода қарор гирад. Дар он сурат мо бо ифтихор гуфта метавонем, ки дар байни кишварҳои зиёди рўйи олам шояд нахустин ҳастем, ки қадри зан ба ин дараҷа воло дониста мешавад!

**Дилором ДОДОБОЕВА,**
**раҳбари Маркази маънавият ва маърифати ноҳияи Риштон.**

# ҲИФЗИ ҶОН ВОҶИБ АСТУ ҲИФЗИ ВАТАН ВОҶИБТАР...

Доир ба Ватан, ватандўстиву ватанпарварӣ бузургони хирад суханҳои ноби худро ба мерос гузоштаанд. Аз ҷумла, Камоли Хуҷандӣ фармудааст:

*Хоки поят дўст дорад*
*чашми ман,*
*Нест айб, эй дўстон,*
*ҳуббулватан.*

Ё ки дар байни халқ гуфтаҳои “Хоки Ватан аз мулки Сулаймон хуштар”, “Шахси беватан – булбули бечаман”, “Ҳифзи ҷон воҷиб асту ҳифзи Ватан аз он воҷибтар” маълуму машҳур аст. Беҳуда суханро аз ватандўстиву ватанпарварӣ оғоз нанамудем. Ҳоло китоби тозанашри ҷонишини сармуҳаррири телеканали “Маҳалла” Рўзибой Қўлдошев бо номи “Тоғлардан баландман”-ро дастрас намудем. Аз саҳифаҳои аввали китоб маълум аст, ки муаллиф кўдакӣ, хонаи падару модар, зодгоҳ, кўҳҳои баланду бовиқори онро зуд-зуд, бо пазмониҳо ба хотир меорад. Хусусан, дар боби “Ўгитҳои Ҷўрабобом” пандҳои аз бобояш шунидаро, ки аз онҳо то ҳол панди зиндагӣ меомўзад, ба қалам додааст. Ў менависад: “Барои шикастани мағзи фикрҳои пурмазмуни бобои “академикам” солҳо лозим шуданд. Бобоям аз бачагӣ маро ба бозор ва баъзан ба қабристон ҳамроҳ гирифта мебурд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки бачаи хурдсолро ҳамроҳ гирифтанат оё шарт аст? Ба саволи онҳо бобоям чунин ҷавоб медод: “Ҳар як бачаи хурдсол бозор ва мазорашро бояд бинад. Ҳамон вақт ба қадри зиндагиву ҳаёт мерасад, некиро меомўзад, аз корҳои бад канора меҷўяд”. Ҷўрабобом ба кўдакиям нигоҳ накарда, маро ба бозори молфурўшии Ўротеппа барои фурўхтани бузу гўсфанд, бузғолаю барра зуд-зуд гирифта мебурд. Баъди фурўхтани 20-30 сар бузу гўсфанд, шаҳрро тамошо медод, аз дуконҳо шириниҳо харида медод, ба хонаи шиносону дўстонаш мебурд. То ҳол бо фарзандони онҳо хешу таборӣ ва омаду рафтро канда накардаем. Бобоям бо ман чун бо одами калонсол суҳбат мекард, ниҳоят ғамхор буд. Чунки даҳ нафар фарзандаш паси ҳам вафот кардаанд. Ёздаҳуми онҳо – модари ман зинда мондаанд. Рўзе дар яке аз сафарҳо пурсиданд:

– Оё медонӣ барои чӣ туро ҳамроҳ мегирам?

Доногӣ карда гуфтам: – Барои фурўхтани молҳо кўмак мерасонам.

Бобоям каме фикр карда гуфт: – Ин гапат ҳам дуруст, лекин асосан барои одами хуб шуданат. Чунки бозор-дунё, дар он ҷо инсонҳои гуногунро мебинӣ, суханҳои мухталифро мешунавӣ, ба баду неки онҳо худат баҳо медиҳӣ. Боз бобоям мегуфт: ”Ҳамеша бо одамоне, ки аз худат як ваҷаб баланд ҳастанд, дўст шав. Чунки онҳо туро ба баландиҳо мебардоранд. Аз одамони аз худат паст дур гард. Онҳо аз пойи ту дошта ба пастӣ мекашанд. Инсонҳои бузург, донишманд ва пуриқтидор асосгузорони замони нав, фарҳангдўст ва илмдўст мебошанд”.

Бо ташаббуси Иттиҳоди эҷодии журналистони Ўзбекистон дар Маркази матбуоти миллии пойтахт муаррифии китоби ғолиби озмуни “Энг улуғ, энг азиз”, “Журналисти беҳтарини сол” Рўзибой Қўлдошев бо номи “Тоғлардан баландман” ба амал омад. Рўзибой Қўлдошев соли 1962 дар деҳаи Мўрияки ноҳияи Ғончии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида ба дунё кушодааст. Ў факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Ўзбекистон ва Донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошкандро хатм намудааст. Фаъолияти асосии ў ба Ширкати миллии телевизион ва радиои ҷумҳурӣ вобаста аст. Ў дар вазифаҳои муҳаррири хурд, сармуҳаррир, ҷонишини директори телеканали “Маҳалла” фаъолият бурдааст. Р. Қўлдошев “Ватанни севмоқ иймондандур”, “Мавзў”, “Сомон йўли”, “Йўлга чиқдик” барин як қатор намоишҳои телевизиониро омода карда пешкаши тамошобинон менамояд.

– Аз ҳар як суҳбату лавҳа ва намоишҳои телевизионии Рўзибой Қўлдошев бўйи Ватан, таровату накҳати боғу гулзори деҳа меояд. Ба эҷодкоре, ки дар телевизиону радио фаъолият бурдааст, офаридани китоб ин худ як шуҷоат мебошад. Р. Қўлдошев журналисти серсоҳа буда, қаҳрамони барномаҳои телевизионии ў намояндагони соҳаи тиб, таълими халқ, шоиру нависандагон, соҳибкорон... мебошанд. Баъди мутолиаи китоби мазкур, бешубҳа, дар хонанда ҳисси ватандўстиву халқпарварӣ бори дигар пурзўр мегардад, – гуфт журналисти собиқадор Шоқаҳҳор Салимов.

– Китобро гирифта аз сарлавҳаи он ба тааҷҷуб омадам. Баъди хондану мағзи онро шикастан донистам, ки китоб хеле хонданӣ аст. Яъне муаллиф маънавият, маърифат, фарҳангро аз кўҳҳо ҳам болотар мегузорад. Дар кишваре, ки маънавияту хирад баланд аст, дар он ҷо ободӣ, сулҳу осоиш, файзу барака мешавад. Ман бо Рўзибой Қўлдошев ҳамкасб, ҳамфикр буда, барномаҳои телевизиониро ҳамроҳ тайёр мекунем. Дар китоб роҳи ҳаёти тайкардаи муаллиф, суҳбати ў бо инсонҳои фидоӣ, хайрхоҳ, ватандўсту халқпарвар акс ёфтааст, – гуфт ҳангоми суҳбат шореҳи сиёсии телевизиони Ўзбекистон Инобат Нормуродова.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 730 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.